**РАЪНОИ МУБОРИЗ**

# НУРИ
# ВАҲДАТ

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК – 84 Тоҷик 7 -5
М – 49

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

М – 49 **Раънои Мубориз. Нури ваҳдат** *(маҷмуаи шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2015, 144. саҳ.

Раънои Мубориз як гули сурхи кӯҳистон аст, ки сина ба офтоби адабиёти тоҷики рӯзгори мо кушода ва дили ширабандӣ аз ин нурро дорад. Бошад, ки чашми занбӯри асали хонандагон бозори сари ин гул кунанд.

ISBN 978-99947-2-393-5

© Нашриёти «Адиб», 2015

# НАЗМ
## *(Ғазалҳо)*

## ЛАЪЛИ БАДАХШОН

Лаъл маҷӯ, лаъли Бадахшон манам,
Духтари дилбанди куҳистон манам.

Зодаю парвардаи Боми Ҷаҳон,
Ҳамнафаси шамси дурахшон манам.

Иди зафар буду ба даҳр омадам,
Идии рамзии баҳорон манам.

Савр бувад бурҷи ман, аммо нигар
Сарви хиромони хиромон манам.

Зуҳраи чангист аниси дилам,
Зуҳрасифат ошиқи ҷонон манам.

Санги тилисми ман ақиқи Яман,
Мисли ақиқам ҳама тобон манам.

Ёд ба «Шаҳнома» зи Шуғнон шуда,
Ёсумани домани Шуғнон манам.

Шоира дар даҳр фузун нест, нест,
Шоирае хуби ғазалхон манам.

Ошиқи Румии гуҳарофарин,
Волаи Симини гулафшон манам.

Лаъл маҷӯ, лаъли Бадахшон манам,
Ёсумани домани Шуғнон манам!

## ТАМАННО

Суруру сур дар ҳар хонадон бод,
Муҳаббат ҷовидонӣ ҷовидон бод.

Баҳорон боду тобистону пойиз,
Зимистон ҳам агар омад, бимон бод.

Тамоми фаслҳо хубанд, эй дӯст,
Агар амну амонӣ ҳукмрон бод.

Гули саҳро хазон шуд гар, чи боке,
Гули умрат ҳамеша бехазон бод.

Ҷаҳонро меҳрубониҳо хуш ояд,
Бимон, ҳар фарди дунё меҳрубон бод.

Бимон, ҳар фарди дунё бахт бинад,
Бимон, ҳар бахт доим гулфишон бод.

Маранҷ аз гирудори зиндагонӣ,
Ки дунё гаҳ чунину гаҳ чунон бод.

Худо як ҳол дорад, банда ҳар ҳол,
Худо ёри ту дар ҳар гирумон бод.

Суруру сур дар ҳар хонадон бод,
Бимон, ҳар бахт доим гулфишон бод!

## ДУРУДИ ОШНО

Ба дӯстони ба мо ошно салом, салом,
Ба ҳар макони муҳаббатнаво салом, салом.

Ба ҳар ки арҷ гузорад ба мо, дуруд, дуруд,
Ба арҷманди рамида зи мо салом, салом.

Ба наврасии аҷаб ёдкардаам падруд,
Ба пайки пирии фардонамо салом, салом.

Ба офтоби бароям бародари абадӣ,
Ба моҳтоби паси қуллаҳо салом, салом.

Ба субҳу субҳаи дастам ҳазор шукрона,
Ба шоми ғарқ ба коми зиё салом, салом.

Ба он ки ҳифз кунад сулҳро санои зиёд,
Ба ҷумла мардуми ваҳдатгаро салом, салом.

Ба рӯҳи Мавлавӣ ин дам дуо фиристам ман,
Ба аҳди пеш, ба аҳли ниё салом, салом.

Ба ҳар ки гӯш кунад ҳарфи мо ва ё накунад,
Ба кулли халқи замини Худо салом, салом!

## ХИСЛАТИ КӮҲИСТОНӢ

Сабки ман ироқӣ нест, сабки ман хуросонист,
Саҳлу содагии ман хислати куҳистонист.

Сода аст шеъри ман, лек содаи ширин,
Гарм мисли рухсори духтарони рӯшонист.

Гармчашмаи Помир гармтар зи шеърам нест,
Охир он заминиву ин атои кайҳонист.

Бо «Лалайик»-и модар зиндагии ман сар шуд,
Ин «Лалайик»-и зебо аллаи бадахшонист.

Бо суруди «Даргилик» меравам аз ин олам,
Ҳарф-ҳарфи «Даргилик» дардҳои пазмонист.

Бо суруд, яъне ман, омадам ба ин дунё,
Бо суруд хоҳам рафт, ин русуми шуғнонист.

Бо суруд буданҳо саҳлу содаам кардаст,
Бо суруд буданҳо ҳай навои найсонист.

Сабки ман ироқӣ нест, сабки ман хуросонист,
Содагии ман, ҷонам, хислати куҳистонист!

## ШУКРОНА

Боз дилам шукри Худо мекунад,
Шукри ману шукри шумо мекунад.

Боз басе рафтаву мо мондаем?
Шукр дил аз будани мо мекунад!

Боз дилам бишнавад оҳанги нав,
Шукр зи гӯши шунаво мекунад.

Боз фаромӯш шуда дардҳо,
Шукр дил аз вақту фазо мекунад.

Боз ба ҳам омада ёрони хуб,
Шукр дил аз расми вафо мекунад.

Боз чи гармии баҳорона аст,
Шукр дил аз нуру наво мекунад.

Боз само ранг зи чашмам гирифт,
Шукр дил аз ранги само мекунад.

Боз ҳама маст зи дидори ҳам,
Шукр дил аз кори раво мекунад.

Боз дилам шукри Худо мекунад,
Шукри ману шукри шумо мекунад!

## АНДЕША

Вале на ҳар баҳор муждаовар аст,
Вале на ҳар шарор гулханофар аст.

Вале на ҳар ғазал ба дил асар кунад,
Вале на ҳар ғазол хубу дилбар аст.

Вале на ҳар бародаре рафиқи туст,
Вале на ҳар рафиқи ту бародар аст.

Вале на ҳар касе зи мардҳост мард,
Вале на ҳар зане фариштаманзар аст.

Вале на ҳар кӣ заргар аст, зар шинохт,
Вале на ҳар кӣ зар шинохт, заргар аст.

Вале на ҳар дарахт бор оварад,
Вале на ҳар гули чаман муаттар аст.

Вале на ҳар маҳак дуруст гуфту ҳақ,
Вале на ҳар баҳо сазои бовар аст.

Вале на ҳар сухан ҳама ҳақ асту рост,
Вале на ҳар ҳақе ба рӯи дафтар аст.

Вале на ҳар чи гуфтамат, шуниданист,
Вале на ҳар чи гуфтамат, наву тар аст!

## САВГАНДИ ВАҲДАТ

Қасам ба рӯҳи ниёву қасам ба ҷони сабур,
Қасам ба килки ҷавоҳирнисору шеъри булӯр.

Қасам ба хоки падар, ёди дардноки падар,
Қасам ба модари пирам, ки ҳаст аз ман дур.

Қасам ба лаълу ба ёқути кӯҳсори баланд,
Қасам ба гоҳи суъуду қасам ба гоҳи футур.

Қасам ба ин сари бедортар зи аскари марз,
Қасам ба рӯзи зуҳуру қасам ба рӯзи ҳузур.

Қасам ба оби лазизу ба офтоби азиз,
Қасам ба лаҳзаи пастӣ, қасам ба авҷи ғурур.

Қасам ба ишқи нахустини ҷовидон ширин,
Қасам ба ёри кухистонии чу Рустами зӯр.

Қасам ба ҳарчи бувад аз Симок то ба самак,
Қасам ба нону ба шону қасам ба суру сурур.

Қасам ба номи Худо, хуррамист аз ваҳдат,
Қасам ба номи Худо, ваҳдат аст сураи Нур!

Қасам ба модари пирам, ки ҳаст аз ман дур,
Қасам ба номи Худо, ваҳдат аст сураи Нур!

## АММО ҲАНӮЗ ҲАМ

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре нобародар аст,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре навкари зар аст.

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре буда зидди сулҳ,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре ҷангпарвар аст.

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре монда бо силоҳ,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре ваҳшатовар аст.

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре буда кинавар,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре хасми кишвар аст.

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре буда пушти дар,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре чашм бар дар аст.

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре тарҳи нав кашад,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре лолу ҳам кар аст.

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре ғосиби Ватан,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре фитнаофар аст.

Аммо ҳанӯз ҳам нафаре буда дар ниқоб,
Аммо ҳанӯз ҳам нафаре нобародар аст!

## ВАТАН

Ватан, шунав садои махмалини ман,
Навои шаҳдрези ангубини ман,

Таронаи сапеди дилнишини ман,
Нидои ман, нидои хуштанини ман.

Бубин ҷалоли худ, ҷамоли худ, Ватан,
Бубин ҷилои шеъри ёсамини ман.

Ману ту соҳибихтиёри бахтёр,
Нигар дигар шукӯҳи сарзамини ман.

Чи меҳрубон ҳавою обу хоки ту,
Чи зарнисор офтоби нозанини ман.

Зи ваҳдату муҳаббату ягонагӣ
Чаҳор фасл гашта фарвадини ман.

Ба парчами баланди ту қасам, Ватан,
Туӣ биҳишти сабзи беҳтарини ман.

Ҷаҳон туро ба сулҳпарварӣ шинохт,
Зиҳӣ, ҷаҳони сулҳофарини ман!

## ИСТИҚЛОЛ

Неъмати бебаҳост истиқлол,
Бахти беинтиҳост истиқлол.

Эй бародар, шунидаӣ ё не,
Ормони ниёст истиқлол.

Дар Ватан беватан будан марг аст,
Об, оби бақост истиқлол.

Нест дарде ба даҳр бетадбир,
Дардҳоро давост истиқлол.

Бар шикасту шикастаҳои ҳама
Марҳаму мумиёст истиқлол.

Шукри ин неъмати муқаддас кун,
Ҳадяе аз Худост истиқлол!

## ХУРШЕД

Шоҳи шоҳону ялонӣ, хуршед,
Ҷомаи камбағалонӣ, хуршед.

Аҳли сидқиву сафоиву сахо,
Аз сафи бебадалонӣ, хуршед.

Банди корӣ ҳама, бе рухсатие,
Ҳамраҳи пурҷадалонӣ, хуршед.

Хонаи ту ба Худо наздик аст.
Хеши доимамалонӣ, хуршед.

Мефиристӣ гули нурам ҳаррӯз,
Маҳви зебоғазалонӣ, хуршед?

Эй чаро ишқ зи дурӣ варзӣ?
Бастаи ҳаммаҳалонӣ, хуршед?

Бо ту пайваст шудан мехоҳам,
З-он ки аз бехалалонӣ, хуршед.

Шоҳи шоҳону ялонӣ, хуршед,
Маҳви зебоғазалонӣ, хуршед!

## БА ЯК ДӮСТАМ

Аз кишвари дури тирахокам, эй дӯст,
Ман кандании фоиданокам, эй дӯст.

Монанди Сарези хеш пурумқам ман,
Чун чашмаи Поршинев покам, эй дӯст.

Бегона магӯ маро, ки бегона наям,
Аз ин назари ту синачокам, эй дӯст.

Дар шодии ту зи ҳар касе шодтарам,
Аз ҳар ғаму дарди ту ҳалокам, эй дӯст.

Ҷо карда ба ҷони меҳрпарвардаи худ
Аз обу самак то ба Симокам, эй дӯст,

Аз сояи ман матарс, он безарар аст,
Бар сояи ман биё, ки токам, эй дӯст.

Бенур махон маро, ту дониву Худо,
Лаълу гуҳарам, на як мағокам, эй дӯст.

Аз кишвари дури тирахокам, эй дӯст,
Ман кандании фоиданокам, эй дӯст!

## ЗАРАФШОН

Зарафшон, чун Бадахшон будаӣ ту,
Куҳистони куҳистон будаӣ ту.

Ғазалдории ту бар ман аён буд,
Макони ҳай ғазолон будаӣ ту.

Асири қуллаҳои барфпӯшӣ,
Агарчи гул ба домон будаӣ ту.

Вале бо он ҳама сардиву сардӣ
Ҷаҳони гармрӯён будаӣ ту.

Қарини арши аълои Худованд,
Баландии намоён будаӣ ту.

Сафои сангҳоят ориёист,
Сафобахшандаи ҷон будаӣ ту.

Маро Анзоб сӯят раҳнамо шуд,
Баҳорон чун зимистон будаӣ ту.

Фидоят ман, ба айёми гули ёс
Ба чанги барфу борон будаӣ ту.

Валекин аз барои ман азизӣ,
Зарафшон, чун Бадахшон будаӣ ту!

## ДУХТАРИ ПОМИР

Ошиқи духтари Помир шавӣ,
Боядо марди батадбир шавӣ.

Боядо илми ҷаҳонӣ гирӣ,
Бояд аз илм ҷаҳонгир шавӣ.

Духтари Боми Ҷаҳон чун лаъл аст,
Боядо заргари тақдир шавӣ.

Заррае гар ту хатое дорӣ,
Боядо суфтаву таҳрир шавӣ.

Чун кунӣ аҳди вафо, бар аҳдат
Боядо баста ба занҷир шавӣ.

Бояд аз ёри наве н-андешӣ,
Бо ҳамин ёри куҳан пир шавӣ.

Ошиқи духтари Помир шавӣ,
Боядо баста ба занҷир шавӣ!

## НЕРУИ ВАҲДАТ

Гулафшон бош бо неруи ваҳдат,
Хушилҳон бош бо неруи ваҳдат.

Ба айёми зимистони зимистон
Шукуфон бош бо неруи ваҳдат.

Замони бефурӯғӣ рафт, Раъно,
Чароғон бош бо неруи ваҳдат,

Макун пастӣ, ки ҷоят аз баландист,
Бадахшон бош бо неруи ваҳдат.

Зи маддоҳӣ гузар, вораставтар шав,
Ғазалхон бош бо неруи ваҳдат.

Ту медонӣ, сухан аз арш омад,
Гуҳардон бош бо неруи ваҳдат.

Ба ҷуз ваҳдат маҷӯ тадбири дигар,
Хурӯшон бош бо неруи ваҳдат.

Макун пастӣ, ки ҷоят аз баландист,
Бадахшон бош бо неруи ваҳдат!

## ЛОЛАҲОИ НАВРӮЗӢ

Лолаҳои наврӯзӣ, мисли дурру марҷонед,
Дар китоби фарвардин байтҳои боронед.

Интиҳои фасли дай, ибтидои фасли най,
Лолаҳои наврӯзӣ, парчами баҳоронед.

Ин қадар ҷило доред, ин қадар сафо доред,
Мисли шамъ пур аз нур, мисли шамъ рахшонед.

Шамъ хиратар сӯзад, шамъ тиратар сӯзад,
Шуълаи шумо болост, шамъ не, чароғонед.

Омада аз он дунё бар саломи ин дунё,
Лолаҳои наврӯзӣ, номаҳои ёронед.

Ҳусни ҳар чаман ҳастед, ҳусни анчуман ҳастед,
Машъали хиёбонед, гулхани биёбонед.

Бар касе ки ошиқ нест, дарси ишқ мегӯед,
Бар касе ки шуд ошиқ, ҳадяҳои Яздонед.

Дар китоби фарвардин байтҳои боронед,
Лолаҳои наврӯзӣ, мисли дурру марҷонед!

## ҲАЙРАТ

Бо қадди чун алиф ба таги по алаф шавам,
Эй одамон, ба синни ҷавонӣ талаф шавам.

Аз фикрҳои тираи фарди ватанфурӯш
Дар баҳри фикри хеш фурӯ чун садаф шавам.

Бар миллату ба ваҳдати ман санг мерасад,
Ҳайрони ҳарзаҳои ду-се нохалаф шавам.

Аз ҳарфи пурхилофи маҳалбози ҳамватан
Наздики он расида, ки беруни саф шавам.

Туҳмат ба номи давлати ман мезанад яке,
Бадном то ба Ҳинду ба Синду Наҷаф шавам.

Хоҳад яке, ки пора кунад аз дигар Ватан,
Музтар аз ин қарору аз ин сон ҳадаф шавам.

Пурдоғ мекунад Ватани хеш бешараф,
Пурдард аз чунин амали бешараф шавам.

Як ҳамватан, валек, нишастаст бетараф,
Безори бетараф будани бетараф шавам.

Раъно, ту ҳифз кун Ватанам, варна баъд аз ин
Бо қадди чун алиф ба таги по алаф шавам!

## ИШҚИ ХУДО

Ту мегӯӣ ба мо, чизе надорӣ,
Ба ҷуз меҳру вафо чизе надорӣ.

Ту мегӯӣ, ки нодорӣ чӣ сахт аст,
Ба ҷуз чанду чаро чизе надорӣ.

Ту мегӯӣ, ки аз сармояи даҳр
Ба ҷуз панди ниё чизе надорӣ.

Ту мегӯӣ, ки андар ҷисму ҷонат
Ба ҷуз сидқу сафо чизе надорӣ.

Ту мегӯӣ, ки дастат ҳаст кӯтоҳ,
Ба ҷуз қадди расо чизе надорӣ.

Ту мегӯӣ, ки аз кулли амалҳо
Ба ҷуз шарму ҳаё чизе надорӣ.

Ту мегӯӣ алайҳи қисмати шӯр
Ба ҷуз зикру дуо чизе надорӣ.

Ту мегӯӣ, вале доротаринӣ,
Ба ҷуз ишқи Худо чизе надорӣ!

## ПОМИР - ПОЯИ МЕҲР

Дӯст, помириям, аз Пояи меҳр омадаам,
Аз баландии худ, аз сояи меҳр омадаам.

Дар баландии ҷаҳон бар мани кӯҳӣ хуш буд,
Бар нишебии ту бо ғояи меҳр омадаам.

Гарм оғӯш кушо, бо чу мане сард мабош,
Бингар охир, ки ба лаб ояи меҳр, омадаам.

Ҳамраҳам шамси ҷаҳон ҳаст, кушо равзанаат,
Ӯ чу шаҳбаччаву чун дояи меҳр омадаам.

Ӯст дар рӯи ҷаҳон соҳиби сармояи нур,
Ҳамраҳи сарвару сармояи меҳр омадаам.

Рафтан аз зодгаҳам ҳеҷ набуд азми дилам,
Ин тараф бо талабу вояи меҳр омадаам.

Шамс гуфто, ки биё, сайри ҷаҳонат бубарам,
Омадам, ҳамраҳи перояи меҳр омадаам.

Гарм оғӯш кушо, бо чу мане сард мабош,
Дӯст, помириям, аз Пояи меҳр омадаам!

## ЭЙ СУБҲИ ФАРОРАСИДА

Эй субҳи фарорасида, хуш бош,
Эй тозатарин падида, хуш бош.

Аз баъди талошҳои афзун,
Аз зулмати шаб раҳида, хуш бош.

Саршори насими анбаринӣ,
Эй накҳати нав шамида, хуш бош.

Бо марҳамати накӯи ваҳдат
Хушрӯву накӯдамида, хуш бош.

Дар мулки азизи ман амонист,
Меҳмони диливу дида, хуш бош.

Дар кишвари сабзи ваҳдатобод,
Эй шаҳди шифо чашида, хуш бош.

Сӯям нигарӣ чу ошное,
Эй номи маро шунида, хуш бош.

Эй субҳи фарорасида, хуш бош,
Эй тозатарин падида, бош!

## ШАҲРИ ҒАЗАЛШИКАН

Берангии ин чаман маро кушт,
Бенурии ёсуман маро кушт.

Беқадрии ман дар ин қаламрав,
Бедардии халқи ман маро кушт.

Ку гӯши ғазалшунав дар ин шаҳр,
Ин шаҳри ғазалшикан маро кушт.

Худбинию дигарон надидан,
Ин одати ҳамватан маро кушт.

Занхислатии зиёда мардон,
Мардии зиёди зан маро кушт.

Ҳурмузнафасе намонда ин ҷо,
Нафси бади Аҳриман маро кушт.

Хушҳарфии ман сипар нагардид,
Бадҳарфии баддаҳан маро кушт.

Ин аҳли зиё чи хушриёанд,
Ин тоифа бо сухан маро кушт.

Омину ҳамин! Дигар нагӯям,
Ин дарди нави куҳан маро кушт!

## ШЕЪРИ ДАРД

*(Ба ёди устод Ширин Бунёд)*

Ё Раб, чаро баҳори ман ин гуна зуд рафт,
Хуршеди кӯҳсори ман ин гуна зуд рафт.

Боди фано вазиду хазони хато расид,
Сарсабзии диёри ман ин гуна зуд рафт.

Хуршед рафту ҳамраҳи худ бурд шоире,
Нур аз танӯри нори ман ин гуна зуд рафт.

Шоир ба базми шеъри Худо бурда шуд, яқин,
Сомеъи Кирдгори ман ин гуна зуд рафт.

Ӯ устувор буд ба ҳар зарбаи ҳаёт,
Устоди устувори ман ин гуна зуд рафт.

Ӯ бо Худост дигару бе ӯ валек мо,
Аз рӯҳи ман виқори ман ин гуна зуд рафт.

Ғам ҳокими вилояти қалбам шуда дигар,
Ғамдори ғамбарори ман ин гуна зуд рафт.

Шоир ба базми шеъри Худо бурда шуд, яқин,
Сомеъи Кирдгори ман ин гуна зуд рафт.

## БА ҲАМЗАБОН

Эй ҳамзамон, эй ҳамзабон, рӯзи хушат фархунда бод,
Эй вориси озодагон, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй як нишон аз дурҳо, аз мулки нуру ҳурҳо,
Эй насли неки ориён, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй ҳамхудову ҳамрасул, эй ҳамсадову ҳамусул,
Эй бо Авасто ҷовидон, рӯзи хушат фархунда бод.
Поянда бо Зардушти худ, поянда бо сад пушти худ,
Сомонии пуршаъну шон, рӯзи хушат фархунда бод.
Насли Каюмарсу Куруш, эй аз нажоди Дориюш,
Эй Ардашери Бобакон, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй Хусрави Парвизи ман, эй Рустами рӯинтан,
Эй Ҳурмузу Нӯширавон, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй чашми бози Рӯдакӣ, эй чангу сози Рӯдакӣ,
Эй чун Бухоро роздон, рӯзи хушат фархунда бод.
Бо «Маснавии маънавӣ» олам ба олам меравӣ,
Эй орифи шаҳномахон, рӯзи хушат фархунда бод.
Қонуни Синоям туӣ, имрӯзу фардоям туӣ,
Эй хаста аз ину аз он, рӯзи хушат фархунда бод.
Чун Носири Хусрав биё, аз нав биё, аз нав биё,
Эй Айние аз Ғиждувон, рӯзи хушат фархунда бод.
Сарсабз шуд иқболи мо, сарсабз истиқлоли мо,
Эй ҳамдилу ҳамормон, рӯзи хушат фархунда бод.
Дар рӯзи нав, эй меҳрубон, Раъно ба лаҳни булбулон
Бо меҳр гӯяд: Ҷони ҷон, рӯзи хушат фархунда бод!

## БАРОДАРИ АБАДӢ

Офтоб, эй либоси нодорон,
Бетамаъ сарпарасти ҳар даврон.

Бе ягон шартнома барқ диҳӣ
Бар замини зи тирагӣ ҳайрон.

Хастаам аз фиреби додугирифт,
Музтарам аз ҳисобу аз ҷуброн.

Юсуфам бо чунин бародарҳо,
Эй бародартарин бародарҷон.

Ин чӣ даврест, даври аҷзу ниёз,
Аз кӣ имкон биҷӯяму имон?

Аз замин файз рахти худ барчид,
Шояд аз баъди ҷанги ҳамзодон.

Мисли он ки зи куштани Суҳроб
Рустами гурдро шикаст миён.

Офтоб, эй бародари абадӣ,
Кони лутфу саховату эҳсон.

Дар замоне ки асри шайтонист,
Як туӣ раҳнавард бо Раҳмон!

## ҶОНИШИНИ ХУДО

Модар, ту ҳамеша нозанинӣ, модар,
Модар, ту ба мисли фарвадинӣ, модар.

Коре, ки кунӣ, ягон фаришта накунад,
Модар, ту ҳаётофаринӣ, модар.

Осебпазираму балогардонӣ,
Модар, ту сипанди беҳтаринӣ, модар.

То боди мухолифе ба сӯям навазад,
Модар, ту мисоли садди Чинӣ, модар.

То ҳаст ба даҳр охирин қувваи бад,
Модар, ту ҳамеша дар каминӣ, модар.

Аз ҷон гузарӣ барои ҷони фарзанд,
Модар, ту фидоии матинӣ, модар.

Аз пушти ту ман чунин тавоно ҳастам,
Модар, ту ясору ҳам яминӣ, модар.

Азбаски ҳаётофаринӣ, модар,
Модар, ба Худой ҷонишинӣ, модар!

## БА ШЕЪР

Шеър, шарики манию ҷони ман,
Ман мани ту ҳастаму ту они ман.

Ҷумла ҳама рафтаву мо ҳам равем,
Сӯйи шабу сӯи шабистони ман.

Роз ба ту гӯяму ту бишнавӣ
То саҳарӣ ҳарзаву ҳазёни ман.

Ёр надорам, ки биронад туро,
Ёртарин бош, на меҳмони ман.

Дил ба ту додам, ба ягон мард не,
Бахти манӣ, бош ба фармони ман.

Мардтарӣ аз ҳама мардони даҳр,
Пири манӣ, мири ба майдони ман.

Пушти манӣ, зӯру тавони манӣ,
Мушти манӣ, тириву пайкони ман.

Абру маҳу шамс гувоҳӣ диҳанд,
Ишқи манӣ, ишқи дурахшони ман.

Дил ба ту додам, ба ягон мард не,
Шеър, шарики манию ҷони ман!

## САФОБАХШӢ

Ту байъат кардаӣ бо Ҳақ, ту, эй дарёвуҷуди ман,
Ту, эй дунёи покиҳо, ту, эй дунёи ҷуди ман.

Фидои ту, фидои ту мубориэҳои ҳар давре,
Фидои ту ду чашми осмонии кабуди ман.

Зи ту ирфон биомӯзам, ки ёбам савти ризвонӣ,
Ки то ваҳдоният резад ба кулли тору пуди ман.

Сафобахшӣ, навобахшӣ, фазобахшӣ, ҳавобахшӣ,
Ту, эй маҷмӯи тору чангу ною рӯду уди ман.

Ба мислат гар дар ин олам нафарҳо бештар мебуд,
Масоҳат беш мегардид бар шеъру суруди ман.

Аҷоиб мавҷ мезад, мавҷ ҳарфи сабзи раъноӣ,
Аҷоиб акс меандохт овози дуруди ман.

Биё, дар базми раббонӣ, ба шавқу завқи ирфонӣ,
Пазир ин ҳарфи меҳрамро, ту, эй ҳурмузнамуди ман.

Ту байъат кардаӣ бо Ҳақ, ту, эй дарёвуҷуди ман,
Фидои ту ду чашми осмонии кабуди ман!

## БОЗГАШТ

Бо кӯҳ бигӯ, насими саҳро омад,
Бо рӯҳ бигӯ, ки шоири мо омад.

Бо ёр бигӯ, ҳанӯз онам, ки будам,
Бо пор бигӯ, аниси фардо омад.

Бо пушта бигӯ, ки ҳафт пуштам дар ӯст,
Бо кушта бигӯ, ки рӯҳи Исо омад.

Бо дард бигӯ, дигар суроғам накунад,
Бо сард бигӯ, баро, ки гармо омад.

Бо ашк бигӯ, равад, равад бо раҳи худ,
Бо рашк бигӯ, ки хуби шайдо омад.

Бо санг бигӯ, дигар ба поям нарасад,
Бо нанг бигӯ, навои кӯҳҳо омад.

Бо ҳузн бигӯ, Худо аз ӯ дилгир аст,
Бо ҳусн бигӯ, яке дилоро омад.

Бо ганҷ бигӯ, ҳамеша ганҷурам ман,
Бо ранҷ бигӯ, ки боз Раъно омад.

Бо дард бигӯ, дигар суроғам накунад,
Бо сард бигӯ, баро, ки гармо омад!

## БА ПАНҶРӮД ДУРУД

Бигӯ зи номи ман, эй дил, ба Панҷрӯд дуруд,
Бигӯ ба олами шеъри хушу суруд дуруд.

Ба рӯҳи зиндаи султони шоирони Аҷам,
Ба аҳли фазлу маонии беҳудуд дуруд.

Ба остони бузурге зи остонаи ман,
Ба мулки сабзи найу чангу рӯду уд дуруд.

Ба рӯдбори Уреҷаш саломи ман бирасон,
Ба Булбулони баланди макони ҷуд дуруд.

Бигӯ ба шоири бинотарини ҳарду ҷаҳон
Зи як мусофири дунёи шеъри рӯд дуруд.

Бигӯ, ки теғи рақибат шикаст охири кор,
Бигӯ, ки меҳри ту бо халқ ҳасту буд, дуруд.

Ба шонаҳои бузургаш ба меҳр такя бикун,
Ба пайкари хуши он фарди хушнамуд дуруд.

Бале, ба мулки азизе, ки Рӯдакӣ он ҷост,
Бигӯ зи номи ман, эй дил, пас аз суҷуд, дуруд.

Ба пои пири хирадвар намози шукр гузор,
Ба зоти поку кабираш бигӯ дуруд, дуруд!

## БА МАҲАЛГАРОЕ

Эй дӯст, маҳалгароият пирам кард,
Дилмондаи зиндагиву тақдирам кард.

Ҳарфи ғалатат чунон ғалат афтодам,
К-андешакунон бурун зи Помирам кард.

Нахчирнаво будам ба кӯҳҳои баланд,
Сайёдии ту ҷудо зи нахчирам кард.

Ҳар лаҳза ту қасди ҷони ман месозӣ,
Ҳар лаҳзаи ту дучори тазвирам кард.

Бишкаста, равон шудам дигар сӯи фано,
Тақдир, валек, боз тадбирам кард.

Эй бехабар, ин ҳама талоши ғалатат,
Таҳрирам кард, баски таҳқирам кард.

Яъне, ҳарфат агар чунин пирам кард,
Гарчанд бурун зи кӯҳи нахчирам кард.

Пазмони абад ба номи Помирам кард,
Хуш бош, талоши ту ҷаҳонгирам кард!

## ТАРОНАИ БЕДОРӢ

Лаб аз фасона тиҳӣ созу рӯ ба саҳро кун,
Бас аст суфтану гуфтан, баро, тамошо кун.

Чиҳил баҳор гузашту чиҳил зимистон рафт,
Биё, давоми чиҳил солро гуворо кун.

Бирав, ба «Хаймаи Хайём» зиндагӣ ин аст,
Намозу рӯза гузору тавофи мино кун.

Кӣ аҳсанат бифиристад, ки ин қадар гуфтӣ?
Фурӯ бинеҳ ҳама гуфтору сайди дилҳо кун.

Чу качраве ҳама бологузар шуду раҳбар,
Ту покбоз намон, хатту хол барпо кун.

Надидаӣ, ки касе гуфт лоақал боре,
Ки рӯ ба сӯи ғазалҳои нағзи Раъно кун.

Бигард аз раҳи эҷод, к-охираш дур аст,
Раҳи навину қарибе ба хеш пайдо кун.

Бас аст гуфтани ҳеҷат, бас аст, эй духтар,
Лаб аз фасона бибанду ба гуфтаи мо кун!

## БАЧЧАИ ПОМИР

Туро, эй баччаи Помир, умре дӯст медорам,
Туро, эй чобуку нахчир, умре дӯст медорам.

Туро, ҳарчанд гаштам пир, умре дӯст медорам,
Туро, ҳарчанд гаштӣ пир, умре дӯст медорам.

Туро, эй ҳамфарози ман, туро, эй ҳамнамози ман,
Туро, тафсири бетафсир, умре дӯст медорам.

Туро, эй ҳамзабони ман, туро эй ними ҷони ман,
Туро, эй шамси ахтаргир, умре дӯст медорам.

Басо таҳрир дидам ҳам, ҳамоно нуқсҳо дорам,
Туро, эй марди бетаҳрир, умре дӯст медорам.

Чи ишқи бемаҳал гӯям, чи ҳарфи пурхалал гӯям,
Туро то дер, бетағйир, умре дӯст медорам.

Куҳистонӣ, куҳистонӣ, куҳистонии исёнӣ,
Туро, эй шери дар занҷир, умре дӯст медорам.

Туро, эй баччаи Помир, умре дӯст медорам,
Туро, эй додаи тақдир, умре дӯст медорам!

## БА ЁРИ МУҲОҶИР

Ин шеваи дилгудоз то кай, то кай?
Ин пастии бефароз то кай, то кай?

Рӯ сӯи диёри ғайр кардӣ, эй дӯст,
Ин ҳиҷрати пурниёз то кай, то кай?

Гулрӯяки шуғние туро пазмон аст,
Улфат ба бути Ҳиҷоз то кай, то кай?

Гуфтӣ раваму баҳор бармегардам,
Ин н-омадани дароз то кай, то кай?

Аз ман раваду ба кӯи ту пар бикашад
Ёдам ба гаҳи намоз, то кай, то кай?

Бо ёди ту, эй ғариб, ҳар шоми Худо,
Хуфтан ба ду чашми боз то кай, то кай?

Бар коғазу бар қалам зи дилхунии худ
Бикшодани ҳарфи роз то кай, то кай?

Ин дурии хастасоз то кай, то кай?
Хуфтан ба ду чашми боз то кай, то кай?!

## ПИР, МУРИДАТ МАНАМ

Боз зи нав ассалом, боз салом-ун-алайк,
Эй ҳамагӣ эҳтиром, боз салом-ун-алайк.

Эй ҳамагӣ қилу қол, эй ҳамагӣ завқу ҳол,
Эй ҳамагӣ бардавом, боз салом-ун-алайк.

Вахшии Балхии ман, Балхии Румии ман,
Румии гардунмақом, боз салом-ун-алайк.

«Маснавии маънавӣ» рукни низоми ман аст,
Эй ҳама назму низом, боз салом-ун-алайк.

Ишқи ҷаҳонгир ту, пири батадбир ту,
Ошиқи хуршедфом, боз салом-ун-алайк.

Кошифи асрор ту, ёр туӣ, ёр ту,
Дар ду ҷаҳони тамом, боз салом-ун-алайк.

Масти каломи туям, ошиқи номи туям,
Эй ҳамагӣ ному ном, боз салом-ун-алайк.

Исми туро гӯяму ком кунам шаҳдбор,
Шамъи шаби хосу ом, боз салом-ун-алайк.

Пир, муридат манам, насли ҷадидат манам,
Мешунавӣ ин паём? Боз салом-ун-алайк.

Духти мубориз манам, ишқмуҳофиз манам,
Аз мани Раънои хом боз салом-ун-алайк.

Эй ҳамагӣ зулҷалол, эй ҳамагӣ завқу ҳол,
Мавлавии хушкалом, боз салом-ун-алайк!

## ЛАҲҶАИ БАДАХШОНӢ

Ин лаҳҷаи ман лаҳҷаи зебои бадахшист,
Ин лаҳҷаи пурсактаи хонои бадахшист.

Яъне, ба ҷавоби нигаҳи пур зи саволат,
Истода яке духтари донои бадахшист.

Ман лаҳҷаи ту донаму оё ту надонӣ,
К-ин лаҳҷаи бе «ҳ»-и гуворои бадахшист.

Инак ману инак туву инак ғазали ман,
Инак, ту бигӯ кист, ки ҳамтои бадахшист?

Гуфтан зи ману сабру таҳаммул зи ту, эй дӯст,
Тавфиқ ба ту асли таманнои бадахшист.

Инак, ту равию агарам зуд кунӣ ёд,
Ин ишқи нават асту ба Раънои бадахшист!

## ТАРОНАИ ДИДОР

Оҳ, ин чи дидори хуше, шайдо шудам, шайдо шудам,
Хобам ва ё бедор ман, оҷиз будам, бино шудам.

Нотиқ набудам то кунун, ҳай булбули гӯё шудам,
Оҳ, ин чи ишқе буд, ман дар ҳоли вовайло шудам.

Соҳир туӣ, к-аз сеҳри ту якборагӣ зебо шудам,
Моҳир туӣ, к-аз меҳри ту қатра будам, дарё шудам.

Шоир туӣ, к-аз шеъри ту доно шудам, Раъно шудам.
Ин сон ҷамолат хушнамо, ман об сартопо шудам,

Оҳ, ин чи дидоре, ки ман саршор аз маъно шудам,
Оре, туӣ Шамси замон, ман мисли Мавлоно шудам!

## БАҲОР МЕРАСАД

Баҳор боз бо ҳамон раҳи баҳор мерасад,
Ба гӯши ман таронаи баҳори пор мерасад.

Зи нав мадор мерасад, зи нав хумор мерасад,
Зи нав умеди рафтани шабони тор мерасад.

Зи нав ҳамели мӯҳраро ба дасту гарданам кунам,
Ки он зи даври наврасӣ ба ёдгор мерасад.

Ба бар кунам сари саҳар қабои атласии худ,
Зи нав фурӯғи нилгун ба чашми чор мерасад.

Ба ормони хуфтаам иҷозати сафар диҳам,
Ки фарвадини нозанин ба ихтиёр мерасад.

Ба одаму гулу гиёҳ, ба обу офтобу моҳ,
Бубин, ки мавҷи нури Ҳақ чӣ бошарор мерасад.

Баҳорзодаам ману биё ба зодрӯзи ман,
Биё, ки умрам ин сафар ба як виқор мерасад!

## ХАЙРБОДӢ

Ман акнун меравам, ай ҷон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз,
Зи пеши ҷумла хушрӯён, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.

Зи пурмеҳриву бефарқӣ, зи пурнуриву бебарқӣ,
Зи пеши ҷамъи саргардон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.

Чи хуш буда ба ҳам будан, ба ҳам бедарду ғам будан,
Вале омад варо поён, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.

Гаронӣ мекунад бар ман аз ин одамсаро рафтан,
Суи танҳоиву ҳиҷрон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.

Ба мисли мурғи вораста, гаҳе шоду гаҳе хаста,
Парам то олами кайҳон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.

Худо хоҳад ба Наврӯзе, ба ҳам оем як рӯзе,
Ба уммеди ҳамон даврон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз!

## ИШҚИ ПИРӢ

Хуш о, эй ёр, ёри наврасида,
Хуш о, эй заҳри ғурбатро чашида.

Хуш о, эй гулпарак, эй ошиқи зор,
Ба сӯи сабзаҳои навдамида.

Хуш о, эй омада аз зодгоҳам,
Мусофирдухтари водӣ надида.

Шамолак, эй паёми субҳгоҳӣ,
Хуш о, аз нав вазида, хуш вазида.

Хуш о, эй ишқи пирӣ бар суроғам,
Хуш о, эй номи хубамро шунида!

Хуш о, эй хуштарин соат, ки аз ту
Дилу ҷонам тапида, хуш тапида.

Хуш о, илҳом, илҳоми фирорӣ,
Чамида, ҳай чамида, ҳай чамида.

Хуш о, эй шӯру шеъру шуҳрати нав,
Хуш о, эй мухлиси гирдам танида.

Хуш о, эй ишқи пирӣ бар суроғам,
Хуш о, эй номи хубамро шунида!

## ҲАДИСИ ВАҲДАТ

Ваҳдати мову ту баҳор овард,
Тоҷ оварду тоҷдор овард.
Тоҷикони зи ҳам фирориро
Аз фирори пуринтизор овард.
Аз Ҳироти наҷоту Кампи Сахӣ,
Аз Самангону Қандаҳор овард.
Аз Хузистону Машҳаду Хунзо
Бо раҳи мушкили Тахор овард.
Аз Риёзону Маскаву Тирмиз,
Аз Ҳимолойи кӯҳсор овард.
Аз Суиду Суису аз Порис,
Аз гулистону лек хор овард.
Аз Ироқу Чаноқу аз Юнон
Бо яке ҳолати низор овард.
Яъне, аз ҳар канори дуру қарин
Дӯстонро ба як канор овард.
Ҷанги беқаҳрамон ба поён бурд,
Сулҳи зебои пойдор овард.
Бахри саркардаҳои ҷанги лаин,
Нафрат оварду бе ниқор овард.
Афв шуд, афв ҷурми ҳар ду тараф,
Ҳардуро карда беғубор, овард.
Ҳардуро дод созиши абадӣ,
Ҳардуро бар яке қарор овард.
Ваҳдати мову ту баҳор овард,
Бо мададҳои Кирдгор овард.
Ишқу илҳому ихтиёр овард,
Ин қадар шеъри ширадор овард!

## НУРИ ВАҲДАТ

Ҷамоат зӯр шуд аз нури ваҳдат,
Балоҳо дур шуд аз нури ваҳдат.

Замона пур шуд аз оҳанги тавҳид,
Садоҳо ҷӯр шуд аз нури ваҳдат.

Тамоми ҳамхудоён бо ҳам омад,
Риёҳо ур шуд аз нури ваҳдат.

Ба кулли аҳриманкории дунё
Фалак мансур шуд аз нури ваҳдат.

Замин шуд сабз аз гармии дидор,
Само пурнур шуд аз нури ваҳдат.

Шабони тор рафта боз аз нав,
Саҳар манзур шуд аз нури ваҳдат.

Фидои номи ваҳдат, нони ваҳдат,
Ҷаҳон пурсур шуд аз нури ваҳдат!

## БАХТИ БЕҲАМТО

Бахти беҳамтост истиқлол,
Аз ҳама волост истиқлол.

Растан аз қайди яке ҳоким,
Аҳд бо дунёст истиқлол.

Маншаи имрӯзи фардосоз,
Манбаи фардост истиқлол.

Дар фазои шомҳои тор
Рӯшноизост истиқлол.

Интиҳои интизориҳо,
Ибтидои мост истиқлол.

Ин қадар кишвар мунаввар шуд,
Ин қадар зебост истиқлол.

Тоҷикистонро ҷаҳон бишнохт,
Як ҷаҳон маънost истиқлол!

## ЭЙ ЗИНДАГӢ

Эй зиндагӣ, ту рӯи маро зард кардаӣ,
Бо ҳар касе нигоҳи маро сард кардаӣ.

Зан ҳастаму ҳимояти ман кори мардҳост,
Аз беҳимоятӣ ту маро мард кардаӣ.

Дилбар манам, рисолати ман дилбарӣ бувад,
Пинҳон, валек ҳусн ту бо гард кардаӣ.

Помол карда нанги куҳистонии маро,
Мӯҳтоҷи хону хонаи бедард кардаӣ.

Кай дидаӣ ту, лӯъбатаке шуд мубориза,
Ноҳақ маро ба хеш ҳамовард кардаӣ.

Эй зиндагӣ, ту рӯи маро зард кардаӣ,
Аз беҳимоятӣ ту маро мард кардаӣ!

## ХОҲИШ

Эй субҳрӯ, ба зулмати ман нур ҳадя кун,
Бар шоми бесабоҳати ман нур ҳадя кун.

Умрам ба чил расид, вале кӯдакам ҳанӯз,
Бар ҳарфи беиҷозати ман нур ҳадя кун.

Торик роҳу ҷодаи тақдир нонамост,
Бар ваҳшату ба даҳшати ман нур ҳадя кун.

То барфрези баҳмани умрам адо шавад,
Чун шамс бар залолати ман нур ҳадя кун.

Бо чилчароғи чашм фурӯзанда кун дилам,
Бар қалби бемуҳаббати ман нур ҳадя кун.

Берангубӯст зиндагии бефурӯғи ман,
Бар инчунин ҷаҳолати ман нур ҳадя кун.

Кадбонуи танӯри сухан хостам шудан,
Бар нори беназокати ман нур ҳадя кун.

Эй субҳрӯ, зи ғарби чароғони худ биё,
Бар шарқи беҳарорати ман нур ҳадя кун.

## ҲАМНИШИНИ НИҚОБДОР

Эй офтоб, хандаи ту бардавом бод,
Шамшери абр кунд ва ё дар ниём бод.

Эй моҳтоб-хоҳари қаҳрии офтоб,
Афсонаҳои тӯҳмати ноҳақ ҳаром бод.

Эй ғарқи хоб тифлаки гулбӯи нозанин,
Анфоси дилнавози хушат бонизом бод.

Эй ҳамчу об софу булӯрину мавҷзан,
Духти ҳубоб, мавҷи танат якмаром бод.

Эй дар ҳиҷоб хоҳари ҳаҷрафтаам, биё,
Ҳаҷҷат қабулу нуру зиёат ба ком бод.

Эй дар ниқоб ҳамнафасу ҳамнишини ман,
Иблисхислатии ту маҳву тамом бод.

Эй ёрбоб, қасди шикори ту кардаам,
Аз номи ман бари туи хушрӯ салом бод.

Эй беҷавоб хоҳиши як шоири асил,
Дар мавҷ-мавҷи ҳарфи ту нури паём бод.

Эй духтари базеби Ватан, эй парии шеър,
Раънои ноб ёри ту, доим калом бод!

## БА ЗОДГОҲИ БЕ МО

Эй бод, саломи ман ба кӯҳҳо бирасон,
Бар Хоруғи дилнавози бе мо бирасон.

Бар модари интизораму бар падарам,
Бар Чашмаи Носири мусаффо бирасон.

Ҳарфи дилаки нафиси найсониро
То соҳилакони Ғунди зебо бирасон.

Лабрези нидояму нағунҷам дар худ,
Инро ба Сарези пурмуаммо бирасон.

Бар маҳфили шеъри дӯстонам аз ман
Падруду дуруди меҳрполо бирасон.

Аз шаҳри калон каломи ғарқи ҳавасам
Бар шаҳраки кӯчаки дилоро бирасон.

Бе такяи кӯҳи ту мадорам кам шуд,
Ин роз ба гӯши Дашти Боло бирасон.

Мазмуни таронаи навамро, эй бод,
Бар хурду бузурги Боми Дунё бирасон.

Эй бод, саломи ман ба кӯҳҳо бирасон,
Бар Хоруғи дилнавози бе мо бирасон.

Оре, оре, саломи пазмониро
Бар зодгаҳи азизи Раъно бирасон!

## ХЕШИ ҶАҲОНГИРАМ

Эй офтоб, хеши ҷаҳонгирам,
Ҳамзоди кабки кӯҳаму нахчирам,

Ёдам намеравад, ки ба тифлиям
Сар мезадӣ зи қуллаи Помирам.

Ҳамсояи қарини ту будам ман,
Ин сӯ фиканд қисмату тақдирам.

Дар шаҳри н-ошно надорам кас,
Ин ҷо ғарибу хаставу дилгирам.

Ҳар субҳ интизори ту ҳастам ман,
Эй беҳтарин мухотаби тасвирам.

Дар хеш метапам чӣ заифона,
Гӯё қанотбаста ба занҷирам.

Пуште надорам ин тарафи дунё,
Пушту паноҳи ман бишав, эй пирам.

Бегонаам ба ҷамъи пареши шаҳр,
Зеро на огаҳанд зи тафсирам.

Дар мулки бекарона намеғунҷам,
Ман, ин мане, ки майдатар аз тирам.

Эй офтоб, чораву тадбирӣ,
Пуштам бишав чу хеши ҷаҳонгирам!

## БЕ ТУ ЧИҲО ШАВАМ, ЧИҲО!?

Бе дигарон зиҳам, вале бе ту фано шавам, фано,
Шеъри ту нӯши ҷон кунам, варна адо шавам, адо.

Сабзаи гӯри ман чаман буд, агар намебудӣ,
Оби ҳаёти ман туӣ, бе ту чиҳо шавам, чиҳо.

Ғайрату ҷӯши ман туӣ, раъду сурӯши ман туӣ,
Ақлхурӯши ман туӣ, бе ту дуто шавам, дуто.

Бо ту яке муборизам, бодияро муҳофизам,
Зӯр манам, на оҷизам, бе ту фидо шавам, фидо.

Бо ту чу Зӯҳраи фалак нағмаи нав ба нав кунам,
Ҷойгаҳам само бувад, бе ту саро шавам, саро.

Қиблаи рози ман туӣ, такяи нози ман туӣ,
Бурҷи ниёзи ман туӣ, бе ту қазо шавам, қазо.

Бе ту агар чунин набуд, мулки Худо ҳазин набуд,
Ҷону дилам ғамин набуд, бе ту хало шавам, хало.

Пирию ман муриди ту, дилшудаи ҷадиди ту,
Ошиқи наврасиди ту, бе ту нидо шавам, нидо.

Сабзаи гӯри ман чаман буд, агар намебудӣ,
Оҳ, азиз Мавлавӣ, бе ту чиҳо шавам, чиҳо?!

## НИДОИ ВИДОЪ

Қашанг рафта будӣ, ноқашанг омадаӣ,
Чу мум рафтиву з-он сӯ чу санг омадаӣ.

Куҷо шуд он ҳама рангинии худододат?
Ки ранг бохта, бе нуру ранг омадаӣ.

Паланг рафта будӣ, мисли гурба меоӣ,
Кӣ гуфт мисли палангу наҳанг омадаӣ?

Чунин ки сард шудӣ бо ман, эй рафиқи ҳаёт,
Киро ба макри фузуне ба чанг омадаӣ?

Аз ин намуди расидан расад нидои видоъ,
Ба ҷанг омадаӣ, оҳ, ба ҷанг омадаӣ.

Вале ба ҷанг чу оӣ, чаро тани танҳо
Сӯи Муборизи худ бе туфанг омадаӣ?!

## АЗ ОФТОБ БИГӮ

Биё, зи ҷангу зи хуну зи марг ҳарф магӯ,
Аз офтоб бигӯ, қиссаҳои барф магӯ.

Зи ваҳдати нави шоху ҷавона ҳарф бизан,
Зи умри рафтаву аз решаҳои жарф магӯ.

Фақат зи исм бигӯву зи навъҳои сифат,
Зи феълу ҳоли замону макону зарф магӯ.

Ҳар анчи буд, равад, зикри он макун ҳаргиз,
Магӯ, магӯ зи ҷавонии гашта сарф, магӯ.

Ба ҷуз аҷибу наҷибу ба ҷуз гуворой,
Ба ҷуз ҳадиси хушу қиссаи шигарф магӯ.

Фақат бигӯй, ки оянда пур зи хубиҳост,
Зи ҳар канору зи ҳар сӯву самту тарф магӯ.

Биё, зи ҷангу зи хуну зи марг ҳарф магӯ,
Аз офтоб бигӯ, қиссаҳои барф магӯ!

## СОДАГӢ БУЗУРГИСТ

Содагӣ ҳадди бузургист, биё, сода шавем,
Аз мураккаб гузару содаи озода шавем.

Маст аз бода шудан нест ягон кори аҷиб,
Мо, биё, маст зи бодом, на аз бода шавем.

Даргузар аз ҳама сӯзандагию маҳвкунӣ,
То ба эҷоду ба созандагие дода шавем.

Чун муаммо ба манӣ, ман ба туям сарбаста,
Бар рухи ҳам, ту биё, чун дари бикшода шавем.

Ориёнасл будан чист, ту ҳам медонӣ,
Мо асилему биё, покнасабзода шавем.

Нурбахшанда шавад кишвари мо аз ваҳдат,
Мо агар нурфизоёни ҳамин ҷода шавем.

Охир-ул-амр гузаргоҳ бувад пули сирот,
Мо аз имрӯз, биё, бар гузар омода шавем.

Содагӣ ҳадди бузургист, биё, сода шавем,
Бар рухи ҳам, ту биё, чун дари бикшода шавем!

## ВОРИСИ КӮҲИСТОН

Ману ту ашки ниёгони пурармон ҳастем,
Ману ту зодаи як лаҳзаи тӯфон ҳастем.

Дигарон ҳаст шуда дар дили дунёи кушод,
Ману ту ворисИ сарсахти куҳистон ҳастем.

Ману ту кӯҳнатарин халқи ҷаҳони куҳанем,
Ману ту тозатарин насли хиёбон ҳастем.

Ману ту Балху Бухорову Бадахшону Ҳисор,
Ману ту Машҳаду Шерозу Зарафшон ҳастем.

Ману ту Чингизу Темур ва Сикандар дидем,
Ману ту ғарқаи хуни худу ёрон ҳастем.

Чӣ қадар мардуми мо гашт парешон ба ҷаҳон,
Ману ту ҷамъи ҳамон қавми парешон ҳастем.

Ту биё, дӯст, биё, зӯр ба ҳам бахшоем,
Ману ту садди раҳи ҷумла рақибон ҳастем.

Ману ту ҳамватани лаълу ақиқу гуҳарем,
Ману ту ҳамнафаси шамси дурахшон ҳастем.

Чӣ қадар мардуми мо гашт парешон ба ҷаҳон,
Ману ту ҷамъи ҳамон қавми парешон ҳастем!

## ДИГАР ШЕЪРЕ НАМЕГӮЯМ

Ту, эй дарё, чӣ медонӣ, ки ман дарёнасаб ҳастам,
Ту, эй зебо, чӣ медонӣ, ки ман маънҳоталаб ҳастам.

Ту, эй садбарги кӯҳистон, маё аз кӯҳи худ поён,
Ки ман аз омаданҳоям ба аҳволи аҷаб ҳастам.

На шаҳриям, на қишлоқӣ, аҷоиб лӯъбате гаштам,
На хоҳони хамӯшиям, на хоҳони тараб ҳастам.

Дар ин шаҳри пур аз савдо ҳама ҷуфту ҳама якҷо,
Миёни ин ҳама якҷо зани танҳои шаб ҳастам.

Баҳоре хоҳаму ин ҷо баҳори ҷовидонӣ ҳаст,
Надонам пас чаро ман бетарона бесабаб ҳастам.

Дигар меҳре намеҷӯям, дигар шеъре намегӯям,
Қарин ҳарчанд дар ин шаҳр бо аҳли адаб ҳастам.

Деҳи кӯҳии ман, оё маро бар ёд меорӣ?
Ман аз дурӣ зи оғӯши ту бемори асаб ҳастам!

## ҲАМСОЯИ ҚУЛЛАҲО

*Ба рӯҳи поки шоира Робеаи Балхӣ*

Аз кишвари Ориёям, эй дӯст,
Ҳамсояи қуллаҳоям, эй дӯст.

Ҳамсӯҳбати офтобаму лек
Як лӯъбатаки қазоям, эй дӯст.

Ворастатарин каси ҳаётам,
Вобастатарин раҳоям, эй дӯст.

Тарсанда зи сахт меҳр бастан,
Тарканда зи норавоям, эй дӯст.

Бишкуфта, вале намешавам во,
Бинҳуфта, валек воям, эй дӯст.

Пурҳуснтарин навор, аммо
Пурҳузнтарин навоям, эй дӯст.

Ҳамрешаи Рӯдакиву Румӣ,
Ҳамбешаи сад балоям, эй дӯст.

Аз аҳли риё чӣ ҳарф гӯям?
Аз аҳли зиё фаноям, эй дӯст!

Ҳарчанд, вале фаноям, эй дӯст,
Пояндаву бобақоям, эй дӯст!

## ҲАРФИ ЁСАМИНӢ

Ин қадар ҳарфи ту заминӣ аст,
Ҳарфи зебои ёсаминӣ аст.

Шеваи ҳарф гуфтанат, эй дӯст,
Шеваи хуби ангубинӣ аст.

Дар сарат тоқии бадахшонӣ,
Куртаат, лек моли чинӣ аст.

Омадӣ аз «Раҳи бирешим» ту,
Омадат амнро аминӣ аст.

Лаҳҷаат-лаҳҷаи куҳистонӣ,
Лаҳни ширини хуштанине аст.

Рӯи ту, эй азиз, чун хуршед
Ин қадар дилнавозу динӣ аст.

Лек гарчи рухи ту хуршедист,
Боз ҳам ҳарфи ту заминӣ аст!

## ЭЙ ЁР

Эй ёр, ёртар шав, зебоканортар шав,
Эй фасли навбаҳорам, андак баҳортар шав.

Эй ҳастии дуруштам, тарҳи рухат дигар кун.
Меъёрҳо дигар шуд, андак нигортар шав.

Эй ишқ, ки саворӣ бар ин дили маҳинам,
Хуш бош, бош роҳат, бар дил савортар шав.

Чун бори ишқ дорӣ вазнинии гуворо,
Бар ҷони нозуки ман, эй бор, бортар шав.

Гар истироҳати хуш кор аст баҳри инсон,
Пас, кори мушкили ман, афзову кортар шав.

То ки насозадам чашм чашми бади ҳасуде,
Эй хори посбонам, имрӯз хортар шав.

Бар душмани муҳаббат бар он, ки нест ошиқ,
Эй дори пургуноҳон, имрӯз дортар шав.

То сӯзию гудозӣ дар ишқ ошиқамро,
Эй оташи хиромон, имрӯз нортар шав.

Эй ёр, ёри доно, эй зори ишқи Раъно,
Алқисса, ёртар шав, бар ишқ зортар шав!

## ЁД

Ҳар гаҳе ёдат кунам, як пора ахгар мешавам,
Бо ҳама ин модариям боз дилбар мешавам.

Ончунон пурорзу гардам, ки ғайриихтиёр
Зарра-зарра, лаҳза-лаҳза аз замин бар мешавам.

Гӯиё сар мешавад моҳе зи фасли наврасӣ,
Аз дигар сар мешавам ман, аз дигар сар мешавам.

Дур рафтам, то ки ёдат дар сарам ёбад завол,
Хуш заволе, к-аз камолаш пурҳавастар мешавам.

Ончунонам бастаӣ бо сад рақам ҷодуи худ,
К-аз ҷунунӣ ё фалаҷ, ё гунг, ё кар мешавам.

Ҳар гаҳе ёдат кунам, Раънои дигар мешавам,
Бо ҳама ин модариям боз дилбар мешавам.

## РӮЗА

Ман рӯзааму майл ба ифтор надорам,
Бо рӯзахӯрон хоҳиши гуфтор надорам.

Хоҳам, ки ба сӣ рӯз ҳама гушна нишинам,
Аз гушнагиям шикваю озор надорам.

Зеро ки гуноҳони ман аз мӯй фузун шуд,
Бо сад гунаҳам оқибати кор надорам.

Шайтоннафасӣ, сӯи ман асло манигар ту,
Ман шавқ ба шайтони гунаҳкор надорам.

Нафсам ҳама қуфл аст, машав ҳамнафаси ман,
Рағбат ба касе ҳаргизу зинҳор надорам.

То фитр наё, ёр, наё пештар аз фитр,
То фитр ҷуз аз тавба дигар кор надорам.

Ман рӯзааму майл ба ифтор надорам,
Бас, бас, ки дигар фурсати такрор надорам.

## ОРЗУ

*Мехостам баҳор шавам дар канори ту,*
*Лабрези баргу бор шавам, дар канори ту.*

*Ваҳҳоби Муҷир*

Мехостам, нигор шавам, дар диёри ту,
Ҳамшеваи ҳазор шавам, дар диёри ту.

Ҳамзоди навбаҳораму ҳамроҳи як баҳор,
Мехостам баҳор шавам, дар диёри ту.

Аз зери ҳафт шоли ҳарири арӯсиам[1].
Сомеи «Ёр-ёр» шавам, дар диёри ту.

Бемеҳри ман, нашуд ҳама ин, лек ман ҳанӯз
Хоҳам гули анор шавам, дар диёри ту.

Пайку паёми тирамаҳам даррасид, лек
Хоҳам ки гулнисор шавам, дар диёри ту.

Ҳарчанд хонадор шудам, боз аз дигар
Хоҳам ки хонадор шавам, дар диёри ту!

---

[1] Дар Бадахшон рӯзи тӯй рӯйи арӯсро бо ҳафт шол (рӯймоли калон) мепӯшонанд.

## ЁД МАКУН

Эй дӯст, аз он гузаштаҳо ёд макун,
Аз нав каҳи куҳнаро ба сар бод макун.

Аз хотираҳо дигар, ту донию Худо,
Ҳаррӯз магӯву мушкил эҷод макун.

Ҳар лаҳза магӯ зи ҷангҳое, ки шуданд,
Ҳар ҷисми надида хок ношод макун.

Чашми ҳама сӯи мо зи ҳар сӯи ҷаҳон,
Чашми дили худ кушову бедод макун.

Бегонаи мо ба ҳоли мо механдад,
Бегона машав, ситеза эҷод макун.

Девона машав, макун маро девона,
Амни ману худ дубора барбод макун.

Ҳар он чи гузашт, бар гузашта салавот,
Баъд аз салавот қасди фарёд макун.

Эй дӯст, аз он гузаштаҳо ёд макун,
Амни ману худ дубора барбод макун!

## РАМИД ЁРИ ҶАВОНАТ

Баҳори пор чӣ шуд, он қадар хумор чӣ шуд?
Барори кор чӣ шуд, шӯҳрату виқор чӣ шуд?

Сипоҳи лола куҷо рафту ку гули насрин?
Нигоҳи пуршарари офтоби нор чӣ шуд?

Ба самти рост ва ё чап гурехт селаи кабк?
Хироми гарми парастую бозу сор чӣ шуд?

Чаро дигар ту чунин сархамиву хомӯшӣ,
Ҳамон навои гугушонаи баҳор чӣ шуд?

Чарост, ёри азизам, канори ту холӣ?
Зи баъди рафтани ман ҳоли ин канор чӣ шуд?

Ту хостӣ биравам ман зи хонаи дили ту,
Ки гирӣ ёри ҷавон, пас гирифта ёр чӣ шуд?

Ба ин вуҷуди хазонгаштаат дилам сӯзад,
Баҳорчеҳра будӣ, он ҳама навор чӣ шуд?

Рамид ёри ҷавонат сӯи ҷавонтар ёр?
Рамиду ҳоли ту, эй ёри хору зор, чӣ шуд?

Ту хостӣ, биравам ман, ки ёри нав гирӣ,
Гирифтӣ, лек таассуф, ки хатми кор чӣ шуд?

## ҲАМШАҲРИИ ТАВОНО

Эй наврасида аз дур, ёри маро надидӣ?
Дар он канори олам зори маро надидӣ?

Ёри муҳоҷири ман рафту дигар наомад,
Ёри мусофири ман рафту дигар наомад.

Эй офтоби Машриқ, аз Ғарб як гузар кун,
Аз хонаи баландат ёри маро назар кун.

Эй шаҳрванди шарқӣ, ҳамшаҳр ҳастӣ бо ман,
Ҳамшаҳр ҳаст бо мо поён фиканда хирман.

Баргӯй интизорам, баргӯй беқарорам,
Ояд ва ё равам ман аз даҳри тангу торам?

Ҳарчанд кишвари ман сарсабз ҷовидонист,
Бе ёр сабзаву гул бар ман ҳама хазонист.

Баргӯй бебаҳорам, баргӯй хору зорам,
Баргӯй ҷуз зимистон фасле дигар надорам.

Ё ёри нав гирифта ёрам ба мулки мардум?
Ки ин қадар наомад, ки ин қадар шуда гум.

Дар мулки зардмӯён чун аст он сияҳмӯй?
Эй офтоб, бину ову сипас ба ман гӯй.

Эй офтоби зебо, ҳамшаҳрии тавоно,
Бо худ бубар ба Мағриб ин шеъри дарди Раъно!

## НАЁ, АСИР МЕШАВӢ

Агарчӣ сокини абад ту дар замир мешавӣ,
Ба бурдани дилам наё, ки дастгир мешавӣ.

Ки гаштаам муҳосира ба қалъаи азими рашк,
Ба дасти посбони мо, яқин, асир мешавӣ.

Ту, эй туи мунири ман, туи хатарпазири ман,
Наё, ки рӯ ба рӯ ба марги ногузир мешавӣ.

Маро ба зӯри дастҳо ба қалъа кардаанд ҷо,
Кабири ман, ба дасти қотилон ҳақир мешавӣ.

Амиру мири ман туӣ, шаҳу вазири ман туӣ,
Агарчи умрҳо равад, агарчи пир мешавӣ.

Вале наё ҳузури ман, бимон ту дур, дури ман,
Наё, ки рӯ ба рӯ ба марги ногузир мешавӣ!

## ИШҚ

Ишқро хор макун, хор шавӣ,
Хору афсурдаву афгор шавӣ.

К-он яке ганҷ зи ганҷури Худост,
Пешпояш бизанӣ, зор шавӣ.

Ишқбемор будан дарди хушест,
Солимӣ, гар ту ба он ёр шавӣ.

Ишқ дорад ҳамагӣ як қонун:
Маст шав, маст, ки ҳушёр шавӣ.

Эй ту, Раъно, фақат аз ишқ бигӯ,
То фурӯрафта ба анвор шавӣ.

Дар раҳи ишқ мубориз мемон,
Гар ба зиндону таги дор шавӣ!

## МАН ОМАДАМ

Ҳарфро тайёр кун, ман омадам,
Шавқро бедор кун, ман омадам.

Маст бошад, паст бошад, фарқ не,
Ҷумларо хушёр кун, ман омадам.

Табл зан дар кӯю барзан, табл зан,
Хонаро бозор кун, ман омадам.

Бас дигар коҳидарӯӣ, бас дигар,
Чеҳраро гулнор кун, ман омадам.

Аз сурайёям равон сӯи саро,
Тарки ҳар хушдор кун, ман омадам.

Бас баландӣ, таҳнишинӣ мекунам,
Зерро ҳамвор кун, ман омадам.

Меҳри андакро нахоҳам, эй азиз,
Меҳрро бисёр кун, ман омадам.

Аз куҳистон омадам, аз тори кӯҳ,
Пас қабули бор кун, ман омадам!

## ҲАДИСИ БОД

Ҳадиси бод магӯ, ин қадар кушод магӯ,
Ба меҳр ҳарф бизан, бехудона дод магӯ.

Бубин, ки шеъри ман аст ин, ки рӯбарӯи ту аст,
Ту бедилона варо навтарин мавод магӯ.

Туи бузург биғунҷӣ ба шеъри кӯчаки ман,
Ҳудуди шеъри маро тангу ҳарзазод магӯ.

Ман ориёияму аз нажоди хубонам,
Маро зи ҳар насабеву зи ҳар нажод магӯ.

Муборизи раҳи ишқам мани назарногир,
Маро ба фанни муҳаббат ту бесавод магӯ.

Ба он ки кӯҳи бузургӣ, ба он ки мушти парам,
Ман аз ту зӯртарам, ёри ман, зиёд магӯ!

## НАМЕДОНӢ

Сароро дидаӣ, аммо сурайёро намедонӣ,
Ҷаҳонро дида бошӣ ҳам, ту Раънороро намедонӣ.

Агарчи беҳтарин мардӣ, агарчанде ҷаҳонгардӣ,
Туи бедил нишонии сувайдоро намедонӣ.

Ба он ҳусни расои худ, ба он нуру зиёи худ,
Ту қолабро парастӣ, лек маънороро намедонӣ.

Чу истиқлоли гуфтан дорию иқболи бишкуфтан,
Ту аз бозор мегӯиву савдоро намедонӣ.

Ҷаҳонро дида бошӣ ҳам, ту Раънороро намедонӣ,
Ту қолабро парастӣ, лек маънороро намедонӣ!

## БАЁЗИ ҒАМ

*Дар марги падари бузургворам*

Падар, аз марги ту қаддам дуто шуд,
Замину осмонам безиё шуд.

Дилат таркиду таркидам зи андӯҳ,
Дигар ин қолабам бемӯҳтаво шуд.

Хаёлам, шаҳсутуни хона бишкаст,
Маконам дар дили вайронсаро шуд.

Шикастам зери бори ғам, шикастам,
Дигар дарди шикастам бедаво шуд.

Наям тифле, вале баъд аз сари ту
Ба духти бепадар, донӣ, чиҳо шуд?

Ба дунё кӯҳпайкар мард будӣ,
Чу рафтӣ, кӯҳи ғам дар қалб ҷо шуд.

Кунун хобӣ ту дар домони Даштак,
Ва Даштак қиблаву меҳроби мо шуд.

Баёзи ғам нависам рӯи гӯрат,
Ғазал гуфтан бароям нораво шуд.

Маконат дар биҳишти сабз бодо,
Биҳишти умри ман, лекин, фано шуд.

Падар, рафтиву баъд аз рафтани ту
Ба духти бепадар, донӣ, чиҳо шуд?!

## ХУШБАХТ

Ту хушбахтӣ, ки инсони бад астӣ,
Ту беинсоф аз ҳад беҳад астӣ.

Сари ту нест ҷои фикр кардан,
Ту бепарво зи ҳар пешомад астӣ.

Дили ту нест ҷои меҳру шафқат,
Ту сангӣ, санг, санги асвад астӣ.

Ту лаззат мебарӣ аз гиряи ман,
Ту одамхор сад андар сад астӣ.

Ту бо ёре сари ёрӣ надорӣ,
Ту беэҳсос чун деву дад астӣ.

Зи мулки худ фирорӣ мешудам, лек
Ту мисли симхори сарҳад астӣ.

Ту хушбахтӣ, ки инсони бад астӣ,
Ту беинсоф аз ҳад беҳад астӣ!

## ҲАРФИ ҲАВОӢ

*Ба як нафар*

Зи ваҳдат гӯию ваҳдат надорӣ,
Ту ваҳдат бо ягон миллат надорӣ.

Аё ваҳдатсаро, ҳарфат ҳавоист,
Ба ҷуз ваҳшат ягон санъат надорӣ.

Ягона хислати ту ҷангҷӯист,
Ҷуз ин хислат дигар хислат надорӣ.

Ҷаҳоне аз ту дар ранҷ аст, эй дӯст,
Ба ҷуз пархош як одат надорӣ.

Ту медонӣ, ки ваҳдат воҳидӣ аст,
Ту, аммо, бо касе улфат надорӣ.

Ту ҳатто бо Худо дар ҷанг ҳастӣ,
Ту ҳатто бо Худо байъат надорӣ.

Аё ваҳдатсаро, ҳарфат ҳавоист,
Зи ваҳдат гӯию ваҳдат надорӣ!

## ХОҲИШ АЗ ХУДО

Ё бор Худо, ба номи ман ишқ фирист,
Аз авҷи само ба номи ман ишқ фирист.

Сомонаи ман тиҳист аз беишқӣ,
Бар торнамо, ба номи ман ишқ фирист.

Беишқ манам, ки шеъри ман бешарар аст,
Дар боли Ҳумо ба номи ман ишқ фирист.

Аз ҷумлаи шоирони даҳрам беишқ ,
Чун кори раво ба номи ман ишқ фирист.

Ман дур наям, суроғаам осон аст,
Бо боди сабо ба номи ман ишқ фирист.

Дар кӯчаи Рӯдакист кошонаи ман,
Бо рӯҳи ниё ба номи ман ишқ фирист.

Ман ишқ надидаму надонам он чист,
Аз рӯи сахо ба номи ман ишқ фирист,

Гуфто нафаре, ки ишқ дард асту даво,
Чун дарду даво ба номи ман ишқ фирист.

Ман ишқ надидаму надонам он чист,
Ё бор Худо, ба номи ман ишқ фирист!

## ИШҚИ ИҶТИМОӢ

Ишқам ба ту ишқи иҷтимоӣ будаст,
Ишқи зи ғами ҷаҳон раҳоӣ будаст.

Чун маснадат аз даст шуд, аз даст шудам,
Ин ошиқиам чи бехудоӣ будаст.

Ҳар назму навои ман, ки бо номи ту буд,
Он назму наво зи бенавоӣ будаст.

Маъзур, ки зиндагӣ чунинам карда,
Маъзур, ки ишқи ман гадоӣ будаст.

Эй марди Худо, ту хубию ман нохуб,
Хубии дурӯзаам ҳавоӣ будаст.

Бигзор марову бигзар аз ишқи дилат,
Бигзар, ки насиби мо ҷудоӣ будаст.

Эй марди Худо, ту хубию ман нохуб,
Ишқам ба ту ишқи иҷтимоӣ будаст.

## БИШНОХТ ПИСАР ПАДАР

Имрӯз замона гулфишон гардида,
Дунёи куҳан дигар ҷавон гардида.
Имрӯз муҳаббат аст султони ҷаҳон,
Хуршед ба моҳ ҳамқирон гардида.
Имрӯз ҳумойи бахт бо ҳукми Худо
Чатре ба самои тоҷикон гардида.
Имрӯз зи мулки ғайб бар кишвари мо
Сад рӯҳи бузург меҳмон гардида.
Ин кишвари ориёии ҷамшедӣ
Саршор зи мавҷи Мӯлиён гардида.
Рахш омаду Рустами Таҳамтан овард,
Сӯҳроб сӯйи падар равон гардида.
Бишнохт писар падар, падар фарзандаш,
Бадхоҳ ҳақиру нотавон гардида.
Ваҳдат овард чун ҳумойи қудсӣ,
Ваҳдатозин саройи ҷон гардида.
Меросбари асили Оли Сомон
Эҳёгари аҳди бостон гардида.
Дигар ту бубин, ки Тоҷикистон имрӯз
Ваҳдаткадае биҳиштсон гардида.
Заҳҳок фано шуду фано Аҳриман,
Дар арш Зуҳал зи ғам хазон гардида.
Бар ваҳдати мо, бимон, ки чашме нарасад,
К-он зеби замину осмон гардида.
Бишнохт писар падар, падар фарзандаш,
Ин даҳр ба коми Достон гардида.
Дар ҳифзи чунин шинохт шуғнидухтар
Раънои муборизи замон гардида.

## ТАРОНАИ ХОНУМИ АФҒОНӢ

Биё баҳор кунем, к-аз баҳор ёд намонд,
Худо гуво, ки дигар рӯзҳои шод намонд.

Ба бодҳо бирасон, ки зи ҳукми худ гузаранд,
Зи дасташон чу касе н-омада ба дод намонд.

Ба пешвози зимистониёни аҳриманӣ,
Ба ҳеҷ мулки Худо чеҳрае кушод намонд.

Биё, алайҳи дайи бардавом бархезем,
Биё, ки зиндагии мову ту зиёд намонд.

Биё, ки маҳфили сабзи хуше биороем,
Барои сабз будан гӯшае наход намонд?

Наход нест касе, ки ба базми моояд?
Наход дар ҳама ҷо ҳеҷ босавод намонд?

Наход ҷумла касон оқибат шуда тарсон,
Наход ҳамраҳи мо шахси шерзод намонд?

Наход Кобулу Балху Ҳирот дар хобанд?
Ба Панҷшер магар ҳеҷ марди род намонд?

Биё баҳор кунем, к-аз баҳор ёд намонд,
Биё, ки зиндагии мову ту зиёд намонд!

## БОЗПАС БИРАВ

Дар субҳи бахти ман ту шаболуд омадӣ,
Бешустушӯ зи манзили пурдуд омадӣ.

Ҳарфи муҳаббатам ба лабам торумор гашт,
Чун бо ситез, зишт чу Маҳмуд омадӣ.

Мехостам, ки омада бо худ дилам барӣ,
Оре, ки омадиву чи бесуд омадӣ.

Охир барои бурдани дил инчунин наё,
Гӯё барои бурдани амруд омадӣ.

Аз он суе, ки омадаӣ, бозпас бирав,
Аз он суе, ки хушдилу масъуд омадӣ.

Эй омада, дар омаданат рамзи рафтан аст,
Яъне, на бар дуруд, ба падруд омадӣ.

Дар субҳи бахти ман ту шаболуд омадӣ,
Оре, ки омадиву чи бесуд омадӣ!

## ТАЛОҚ

Рафта аз олами самоҳи худ,
Фикр нокарда аз пагоҳи худ,
Киначӯ марди пасти гумроҳе
Тохт бар тифлаки чу моҳи худ.
Моли худро ба гиря зан ғундошт,
Нест огаҳ аз иштибоҳи худ.
Ӯ нагирад ба гарданаш айбе,
Ӯ набинад ягон гуноҳи худ.
Се талоқ!- аст фикри ҳар ду тараф,
Ҳам пушаймонӣ аз никоҳи худ.
Ҳар ду роҳи фирор мечӯянд
Ин ба роҳи худ, он ба роҳи худ.
Доname ин ба сӯи маъшуқаш,
Он сӯи ошиқу сифоҳи худ.
Хона фардо макони чуғз шавад,
Бора дар гиря аз табоҳи худ.
Оҳ, дардо, ки хонаи инсон
Чуғз гирад таги ҷаноҳи худ.
Моли хона ба ду шуда тақсим,
Ҳар тараф гӯӣ бо сипоҳи худ.
Дар миён тифли бегуноҳе монд.
Зору бечора дар паноҳи худ.
Тифл ғаш менамуд бо гиря
Аз чунин рӯзи бас сиёҳи худ.
Мижа бо мижа ҷафс бинмудам,
То бубандам раҳи нигоҳи худ.

## ТАМАННОИ ШОИРОНА

Чаман-чаман гулаки ёсамин фидои ту бод,
Ватан-ватан санами нозанин фидои ту бод.

Бимон аз они ту бодо, ҳар ончи хушрӯ аст,
Даҳан-даҳан сухани хуштарин фидои ту бод.

Ҳарими сабз бибодат ҳамеша пойандоз,
Хутан-Хутан нафаси анбарин фидои ту бод.

Ба ҷуз таноби муҳаббат мабин таноби дигар,
Яман-Яман парии маҳҷабин фидои ту бод.

Худо кунад, ки расад умри ту ба ҷовидон,
Даман-даман ғазали хуштанин фидои ту бод.

Ба аҳли байтат, илоҳо, ки офате нарасад,
Заман-заман назари некбин фидои ту бод.

Ҳамора бош саропо пури суруду сурур,
Чакан-чакан тани нозофарин фидои ту бод.

Чаман-чаман гулаки ёсамин фидои ту бод,
Даман-даман ғазали хуштанин фидои ту бод!

## САРПАРАСТИ МАН ХУДО АСТ

Сарпарасте ман надорам, сарпарасти ман Худо аст,
Нозпарвар нестам ман, ноз бо ман н-ошно аст.

Дар замоне, ки пур аст аз восита, бе воситаам,
Заҳматам пайваста бар ман раҳнамову раҳкушо аст.

Бори дӯши ман гаронӣ мекунад бар чил нафар зан,
Бори дӯшам бори дӯши чил нафар марди расо аст.

Бори дӯши ман гарону лек ман санги сабурам,
Қоматам хам ҳам занад гар, сабр бар ман муттако аст.

Дини ман дини Муҳаммад, дину оини Муҳаммад,
Сабр дар дини Муҳаммад беҳтарин кори раво аст.

Гуфтӣ: Раъно, пеш рафтӣ, сарпарасти хуб дорӣ,
Сарпарасте ман надорам, сарпарасти ман Худо аст!

## РАҚСИ САМОЪ

Ёр биё, ёр, садо мекунем,
Рақси хуше баъди сало мекунем.

Рақси тану ақл бапо мекунем,
Рақскунон шӯру нидо мекунем.

Бо кулаҳу ҷомаи сабзат биё,
Яшт бихон, базми сабо мекунем.

Нағмаи най мешунавӣ, баъди он
Нағмаи танбӯри ниё мекунем.

Куртасафедам, ту биё, чарх зан,
Дастфишон шӯру наво мекунем.

Базми фалакҳост чу рақси самоъ,
Мисли фалак ҳодисаҳо мекунем.

Ҷомаи дарвешӣ пӯшу биё,
Шайх шаву аҳди вафо мекунем.

Зовия барпо бинамо, ай азиз,
Зовияро ишқсаро мекунем.

Ҷумла азизон ҳамагӣ омаданд,
«Маснавии маънавӣ» во мекунем.

Ёд бикун, ёд зи Мавлои Рум,
Ёдкунон шукри Худо мекунем.

Ёр, биё, ёр, сахо мекунем,
Рақси хуше баъди сало мекунем.

## ДАР ҶАВОБИ БАРОДАР

*Дар боғҳои яхзада ҷорӣ шавад баҳор,*
*Лабрез аз садои қанорӣ шавад баҳор…*
*Эй фасли сурхи фоҷиа, коре макун, ки боз*
*Аз бешаҳои ташна фирорӣ шавад баҳор.*

*Муҳаммадсодиқи Исён,*
*шоири афғонӣ*

Эй дӯст, ин баҳор баҳорӣ шавад баҳор,
Пур аз нидои шукргузорӣ шавад баҳор.

Пас аз саробҳои ҳазини шитозада,
Пурёсамину масту хуморӣ шавад баҳор.

Дар он канори Панҷ туро, ин тараф маро
Илҳомбахши ҳарфнигорӣ шавад баҳор.

Мо ҳарду хуб ранҷи зимистон кашидаем,
Аз ранҷҳои сохта орӣ шавад баҳор.

Ғамдида буд мулки туву ҳам диёри ман,
Ғам охир омаду пайи ёрӣ шавад баҳор.

Содиқ, ту, эй бародари исёнии азиз,
Осуда бош, дур зи хорӣ шавад баҳор.

Раънои ҳамҷавори мубориз бигӯядат:
Бар бешаҳои ғамзада ҷорӣ шавад баҳор!

## БӮИ БАРФ МЕОЯД

Аз самои беахтар, аз ғиреви ин ар-ар,
Аз санавбарони тар бӯи барф меояд.

Фасли меҳр охир шуд, фасли сеҳр охир шуд,
Фасли шеър охир шуд, бӯи барф меояд.

Эй баҳорзоди ман, эй баҳордоди ман,
Оташи ниҳоди ман, бӯи барф меояд.

Аз нигоҳи халқи шаҳр, аз лабону ҳалқи шаҳр,
Дудмону далқи шаҳр бӯи барф меояд.

Аз саломи сарди ман, аз паёми дарди ман,
Аз мароми марди ман бӯи барф меояд.

Хайр, фасли бишкуфтан, мавсими хуши гуфтан,
Меравам сӯи хуфтан, бӯи барф меояд.

Аз самои бепаҳно, аз сукути пурмаъно,
Аз таронаи Раъно бӯи барф меояд.

## ШАҲРИ ГУЛҲО

Душанбе, боғшаҳри дилнишинӣ,
Нишемангоҳи сабзи нозанинӣ.

Ҷаҳон бишнохтат чун шаҳри гулҳо,
Муаттар аз шамими ёсаминӣ.

Ирам мафтуни ин сарсабзии туст,
Биҳишти барҳақи рӯи заминӣ.

Набошад ҷомаи барфӣ писандат,
Ҳамеша дар либоси махмалинӣ.

Шабонат мисли рӯзонат муҷалло,
Таҷаллибахш монанди нигинӣ.

Ту дар қаъри қурун сад реша дорӣ,
Куҳантаърихи фарҳангофаринӣ.

Ливои бахт хуснатро фузун кард,
Фузунтар бош, к-ин сон беҳтаринӣ.

Аё, эй пойтахти бахти тоҷик,
Чиҳо гуфтам, Худо донад, чунинӣ.

Муаттар аз шамими ёсаминӣ,
Душанбе, боғшаҳри дилнишинӣ!

## ВАСИЯТ

Чун бимирам, дар дили сабзи чаман гӯрам кунед,
Дуртар аз лонаи зоғу заған гӯрам кунед.

Ман намондам пой берун аз дили хоки Ватан,
Чун бимирам, дар дили хоки Ватан гӯрам кунед.

Ошиқе ҳамвора будам ман ба шеъру шоирӣ,
Чун арӯси шеър дар хоки сухан гӯрам кунед.

Чун зи домони куҳистони баланде рустаам,
Дар сари гултеппаи қишлоқи ман гӯрам кунед.

Баски хунин аст дил аз ҷабри ёри сангдил,
Дар канори лолаи хунинбадан гӯрам кунед.

Вақти мурдан қатрае з-оби Бадахшонам диҳед,
Баъд зери хок чун дурри Адан гӯрам кунед!

# РЕЗҲО
# АЗ РОЗҲО

* * *

Як ҳиссаи дарси инқилобӣ, ваҳдат,
Як қиссаи нағзи ҳар китобӣ, ваҳдат.
Бар ҷумла талошҳои хасми Ватанам
Як ҷумлаи охираш хитобӣ, ваҳдат!

* * *

Ваҳдат, ту ки вожаи тавоно ҳастӣ,
Эҷоди аҷиби ақли воло ҳастӣ.
Бикшода ягона сим-симе дари кӯҳ,
Ваҳдат, ту калиди кулли дарҳо ҳастӣ!

* * *

Дар зулмати бекарона нурӣ, ваҳдат,
Дар кулфати бетарона сурӣ, ваҳдат.
Аз кишвари мо марав, ту дониву Худо,
Чун обу ҳаво басо зарурӣ, ваҳдат.

* * *

Аз ҷанг магӯ, ки ҷангу иллат дидам,
Саргаштагии зиёду зиллат дидам.
Хорию азоби тоҷики хӯрда фиреб,
Гул кардани душманони миллат дидам.

* * *

Эй ёр, ба ёд ор ранҷу ҳирмон,
Он доғи аёну мардуми саргардон.
Дарёи зи хун дамидаву ошуфта,
Афғони гурезаҳову марзи афғон.

* * *

Ёд ор аз он фирору хоки афғон,
Ёд ор зи гӯрҳои Дашти Морон.
Аз модари мурдае, ки тифлаш зиндаст,
Аз ширмакии ӯ зи ҷисми беҷон!

* * *

Бе ваҳдати мо Ватан биёбон гардад,
Хомӯш фурӯғи лолазорон гардад.
Равшан дили душманони халқи тоҷик,
Торик фазои Тоҷикистон гардад.

* * *

Аз Кампи Сахиву гӯрҳояш ёд ор,
Аз мору малах ва мӯрҳояш ёд ор.
Аз ҳарфи пасини ҳар шаҳиди тоҷик,
Аз оҳи ғамину дурҳояш ёд ор!

* * *

Дар хоки Ватан намонд як ҳамсухане,
Дар Кампи Сахӣ намонд як гӯркане.
Эй вой ба ҳоли тоҷики зору низор,
Эй вой, харобазор гашта чамане.

* * *

Ман будаму ҷони мурдаам ҳамраҳи ман,
Ашъори зи ғам фишурдаам ҳамраҳи ман.
Рафтанд ҳама ба ҳар тараф аз Ватанам,
Ман мондаму санги гурдаам ҳамраҳи ман.

* * *

Бе ваҳдати мо калиду ҳам дар шиканад,
Ҳар хонаю шонае ба кишвар шиканад.
Беваҳдатие мабод, ё бор Худо,
Бе ваҳдати мо сари бародар шиканад!

* * *

Бо он ки ту вожаи маҳинӣ, ваҳдат,
Мустаҳкаму сахту оҳанинӣ, ваҳдат.
Шаддоди зи қавми Од фаҳмид охир
Тавҳиду ясору ҳам яминӣ, ваҳдат!

* * *

Бе ваҳдати мо куҷост як ҷодаи хуб?
Хуршед равад сари саҳар сӯи ғуруб.
Ҳар лаҳза ман аз ту мешавам бегона,
Ҳар лаҳза шимол дур гардад зи ҷануб!

* * *

Бечора Ватан зи кори фарзандаш сӯхт,
Монандаи истирахму испандаш сӯхт.
Заҳҳоки замон чи мағзҳоеро хӯрд,
Модар зи ҳалокати ҷигарбандаш сӯхт.

* * *

Пушти туву пушти ман қабеҳро шиканад,
Сад доми балои ранҷдеҳро шиканад.
Навмед машав зи бесилоҳӣ, эй дӯст,
Мушти туву мушти ман зиреҳро шиканад!

* * *

Барномаи кори офтобӣ, ваҳдат,
Гулвожаи сурхи интихобӣ, ваҳдат.
Бар пурсиши баддиле аз он сӯи замин
Арзандатарин ҷавоби нобӣ, ваҳдат.

* * *

Аз ваҳдати мо сари Сикандар шиканад.
Садди вайу саддҳои дигар шиканад.
Бе монеа мерасем то қутби мурод,
Ҳар душмани мо ба тахту минбар шиканад.

* * *

Аз номи ту золими замон меларзад,
Дар гӯри куҳан ҳазор хон меларзад.
Ваҳдат, ваҳдат, силоҳи миллии манӣ,
Аз номи ту ҷони душманон меларзад.

* * *

Сарҳад машикан, ки дар камини Ватанам,
Ҳар ҳад машикан, ки дар замини Ватанам.
Гӯӣ, ки писар наям, ки аскар бошам?
Ман духтари аскарофарини Ватанам!

* * *

Як оҷизаам, вале на оҷиз ҳастам,
Онам, ки ҳамешагӣ мубориз ҳастам.
Ман бо суханам адӯи миллат шиканам,
Бар хоки диёри худ муҳофиз ҳастам!

* * *

Ваҳдат, ту забони ҳар гияҳро донӣ,
Ваҳдат, ту ҳадиси меҳру маҳро донӣ.
Аз ҳар тарафе ба сӯи дарбори Худо
Ваҳдат, ту ҳамон ягона раҳро донӣ.

* * *

Эй ёр, куҷо силоҳи Сомонӣ шуд?
Парканда чаро сипоҳи Сосонӣ шуд?
Ваҳдат, ки набуд, мулкҳо шуд барбод,
Монанд ба он ки шоҳи Кӯшонӣ шуд.

* * *

Бе ваҳдати худ ба ҳеҷ ҷое нарасӣ,
Бар хатм куҷо, ба ибтидое нарасӣ.
Ҷӯӣ ту суроғаи Худо бе ваҳдат?
Бар манзили ӯ ба асрҳое нарасӣ!

* * *

Тоҷе ба сарам ниҳам, ки он моли ман аст,
Таърихи дарози ҳолу аҳволи ман аст.
Бе тоҷ чӣ гуна сӯи фардо биравам?
Он рамзи ману ҳуҷҷати амволи ман аст.

* * *

Мо, ҷумлаи тоҷикон зи як анҷуманем,
Ҳамрешатарин санавбарони чаманем.
Душман, ки фиканд фитна, парканда шудем,
Парканда шудан чаро, зи як гулватанем!

* * *

Ваҳдат набувад, чӣ соҳибистиқлолем?
Кай соҳиби изну иззату иқболем?
Аввал ваҳдат, сипас бувад истиқлол,
Бе ваҳдати худ парандаи беболем!

* * *

Як пораи нури моҳтобӣ, ваҳдат,
Рахшандатарин яке шиҳобӣ, ваҳдат.
Бар тирадилони ғосиби шоми Ватан
Ҳай монеаи пур аз азобӣ, ваҳдат.

* * *

Бе ваҳдати худ ба ваҳшате ёр шавем,
Дур аз дари дил, қариб бар дор шавем.
Аз каллаи мо манораҳо созад хасм,
Бар даҳшати нав ба нав гирифтор шавем!

* * *

Мо пеши Худо ҳама баробар ҳастем,
Халқему зи Холиқи музаффар ҳастем.
Сарманшаи мо, ки Одаму Ҳаввоянд,
Пас мову ту хоҳару бародар ҳастем!

* * *

Имону амону ақлу динӣ, ваҳдат,
Пардози замонаву заминӣ, ваҳдат.
Ангуштари Ҳазрати Сулаймон дунёст,
Дар чашмаки чашми он нигинӣ, ваҳдат.

* * *

Барҷост зи ту шаҳомати Бурхи Валӣ,
Хоност ба чашми мо шарори азалӣ.
Олист зи ту намои кишвар, ваҳдат,
Пайдост шукӯҳу зиннати ламязалӣ.

* * *

Ваҳдат, ту аҷаб бирешиминӣ, ваҳдат,
Қуръону Забури ростинӣ, ваҳдат.
Инҷил туиву низ ҳастӣ Тавротат,
Эҷоди Худои заррабинӣ, ваҳдат.

* * *

Ин аҳли қалам аҳли алам гардиданд,
Ин аҳли алам аҳли қалам гардиданд.
Он лаҳза, ки ваҳшатам ба даҳшат печид,
Он дам, ки ҳама дучори ғам гардиданд.

* * *

Аҳсан, аҳсан ба сулҳовар, аҳсан,
Бар фозили фаррухи музаффар аҳсан.
Бар он ки ба кишварам амонӣ овард,
Бар оқили неки адлпарвар аҳсан!

* * *

Эй ҳамватанони содаи доноям,
Хонед чакомаҳои пурмаъноям.
Бе ваҳдати худ на ҳеҷ зӯред шумо,
Бе ваҳдати худ на ман гули раъноям!

* * *

Бигзор, сулолаам бақодор шавад,
Тоҷик ба тоҷи худ сазовор шавад.
Баъд аз сад аср боз бошад тоҷик,
Бигзор шавад чунину бигзор шавад!

# АЗ КИТОБИ «ЁДҲО»

***(Ҳиссаҳо аз қиссаҳо)***

## ҚИССАИ МАНУ РӮЗИ ТАВАЛЛУДАМ

9-уми майи соли 1965-ум. Як рӯзи зеботарини баҳори кӯҳистон. Падару модарам дар ҳавлӣ саргарми коранд. Ҳамсояи наздиктаринамон амаки Назархудо аз айвони худ, ба расми кӯҳистониён, бо овози баланд падарамро садо мекунад:

-Муаллим, монда набошед! Янгаамон чӣ тӯҳфаатон кард? Ид аст-ку, ид, Иди ғалаба!

Падарам аз кор сар бардоштаву ба бели дасташ бо оринҷ такякунон шӯхиомез тарафи модари дуҷонам ишора карда мегӯяд: «Янгаат мард бошад, ҳамин ҳозир бароям як шери нар ҳадя кунад».

Падарҷонам ин суханонро гӯиё шӯхиомез мегӯяд, аммо гуфтораш дарду ҳасрат доштааст. Зеро соле пеш, акаҷонаки якунимсолаам фавтидааст. Акаҷонам бисёр паҳлавонҷуссаву ба падарам монанд будааст. Падарам худаш ҳам кӯҳи хороеро мемонд. Падари падарам-бобои Хӯҷа ҳам дар паҳлавониву нотарсӣ шӯҳратманд буд. Ҳатто барзагови бузургҷуссатаринро тани танҳо афтонда, сар мебурид. Устои номдори хонасоз буд ӯ, хонаҳои урфии помирӣ месохт…

Ҳамин тавр, падарам ба ҳамсоя арзи дил мекунаду модарам аз шарм лолавор сурх шуда, худро андармони кор нишон медиҳад, вале ботинан сахт ба нанг меояд ва пас аз ним соати ин сӯҳбат аз дарди сахти миён худро бо як азоб ба даруни хона мекашад. Момодояи деҳ-кампири Ҳотамбегимро фавран чеғ мезананду ман ба дунё меоям. Дар беҳтарин рӯзи баҳор, дар рӯзи 20-солагии ҷашнгирии Рӯзи ғалаба бар фашизм!

Падарам шояд ба орзуяш нарасид, зеро писар мехост, дар ивази писари паҳлавонсимои аздастдодааш. Шери нар мехост, вале модарам маро, лӯхтакчаякеро ба ӯ ҳадя

кард. Паҳлавонсимо набудаам, резапайкари ҷингиламӯяки чашмкабуд. Аммо аз рӯзи аввали ба дунё омаданам маро сахт дӯст доштааст падар. Бароям гаҳвораи зебое сохтааст. Дар гаҳвораи акаи фавтидааш нахобад,- гуфтааст. Муаллими мактаб будааст он вақтхо падарам ва ҳаррӯз баъди аз мактаб омадан маро ба сайругашт мебурдааст. Яксола шудааму ба ашёи гирду атроф сарфаҳм мерафтаам ва ҳар замон бо ангушт гелоси ҳамсояамонро нишон медодаам. Худи ҳамон сол падарам барои ман дарахти гелос шинондааст, ки ҳанӯз ҳам он «Гелоси Раъно» ном дораду мисли ман синну солаш ба ҷое расидааст. Агар ман имсол 50-сола шуда бошам, пас гелосаки ман 49-сола шуд!

## ҚИССАИ МАНУ ХӮҶАИ ХИЗР

Якҳафтаина будааму мӯйсафеди аҷоиб нуроние ба деҳаяки кӯҳии мо омадааст. Мардуми деҳ, чи пиру чи барно аз қафои ӯ хона ба хона мерафтаанду мегуфтаанд, ки ин Хӯҷаи Хизр аст. Мӯйсафед ба хонаи мо ҳам ташриф меорад. Дар кӯҳистон ба пеши модару навзод даромадани бегонагон манъ аст. Аммо он мӯйсафеди нуронӣ медарояду парпечи маро аз дасти модарам мегирад, чизе дар гӯшам мехонаду гӯшаконамро маҳскунон молиши мулоим медиҳад ва аз модарам пиёлаи чойхӯрӣ мепурсад. Пиёлаи садақашударо дар халтачае мегузораду аз хонаамон мебарояд. Издиҳоми мардум, ки ӯро дар саҳни ҳавлиамон интизорӣ мекашидаанд, боз дунболагираш мешаванд. Мӯйсафед ба чанд хонаи дигар даромада, пиёла мепурсад. Ва, ногаҳон, дар пеши чашми мардум ғайб мезанад. Пиёлаи зеботаринро ба ӯ як тағобачаи падарам, ки номаш Давлаталӣ будааст, медиҳад. Баъд амакам Давлаталӣ шаби ҳамон рӯзе, ки мӯйсафеди нуронӣ ғайб мезанад,

якбора гум мешавад. Ӯро танҳо пас аз ду рӯз аз кӯҳи Хабост пайдо мекунанд, ки лаби чашмае хоб рафта. Бедораш мекунанд ва мебинанд, ки аз худ бехуду аз ақл бегона шудааст. Касеро намешиносад, ҳазён мегӯяду бо нигоҳ ҳамон мӯйсафеди нурониро мечӯяд.

Ҳамин тавр, он амакам ақлбохта шуда, чанд соли дигар дар ишқи Хӯҷаи Хизр сӯхта обу адо мегардад. Ба беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ мебаранд ӯро. Шифо наёфта аз олам меравад.

Маро, баъди нопадид шудани мӯйсафед, модару модаркалонам хуб аз назар гузаронида мебинанд, ки дар пушти гӯшам, ба он ҷойе, ки мӯйсафед даст расонида буд, пайи панҷа боқист.

Он пайҳо ҳанӯз ҳам дар гӯши ман ба ёдгор мондаанд. Модарам пайваста хотиррасонам мекунад, ки ин нишонаҳоямро бояд ягон кас набинад, Метарсад, ки агар нишонаҳоямро ба ягон кас нишон диҳам, шояд ба офате гирифтор мешавам.

## ҚИССАИ МАНУ ЯК ДУО

1-уми сентябри соли 1972-юм буд. Бори аввал ба мактаб мерафтам, ба мактаби ибтидоии деҳа. Ҳафт сол доштам, аммо басо резапайкару назарногир будам. Апаам Нозигул аз дастам гирифта маро мактаб мебурд. Ӯ 11-сола буд. Аз ҳавлӣ мебаромадем, ки аз пеши роҳамон кампири ҳамсоя- момои Ватансултон пайдо шуд. Мӯйҳои ҷингилаамро меҳрубонона сила карда гуфт: «Ҳамин кӯдак замоне ҷаҳонгир мешавад. Одами ситорадор аст, шояд женсовет шавад. Хайр, илоҳо, мо ҳам ба ҳамон рӯзҳо бирасем! Омин».

Аз он рӯз солҳои зиёде гузаштанд. Момои Ватансултон дигар дар олам нест. Апаам Нозигул акнун худ мома аст, соҳиби набераҳо. Ман ҷаҳонгир нашудам,

женсовет ҳам нашудам, аммо ҳар гоҳ дуои момаи Ватансултон ба ёдам ояд, неруи тоза мегирам. Рӯҳаш шоду хонаи охираташ обод бод!

## ҚИССАИ МАНУ СИМИНИ БЕҲБАҲОНӢ

Дар синфи севум ё чаҳоруми дабистон мехондам. Рӯзе дар рӯзномаи онвақтаи «Комсомоли Тоҷикистон» шеърҳои шоирае бо номи Симини Беҳбаҳонӣ чоп шуд. Мафтуни он ашъор гаштам ва байти аввали як шеърро дар пушти «Китоби хониш»-ам навиштам:

*Нилуфари шабнамзадаи сохили рӯдам,*
*Кас чома напӯшид зи дебои кабудам.*

Ба зери вожаи "нилуфар" хат кашидам ва дигар дилдодаи ин калимаву ашъори шоира Симин будаму ҳамвора меҷустамаш. Ситораи тобонтарини мусиқии Шарқ Аҳмад Зоҳир ҳар гоҳе сурудҳои дилангези ин шоираи маҳбубро мехонд, ман, мане, ки дар зиндагӣ боре тамъи шаробро начашидаам, бе шароб маст мешудам.

Иттифоқан, моҳи августи соли 2004-ум ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар доштем ва меҳмони хонадони Симин, Симини орзуҳоям шудем. Ба Симини азиз гуфтам, ки чи тавр дар даҳ-ёздаҳсолагиям бори аввал шеърҳои ӯро хондаму мафтунашон шудам, вожаи "нилуфар"-ашро писандидам ва акнун духтараки ман, Нилуфаракам ёздаҳсола аст. Чеҳраи Симини меҳрубон шукуфт. Писараш Алиро фармуд, то бо ҳам аксбардориамон кунад. Базми ғазал дар хонаи Симин тасфид. Шоираҳои бисёре аз давлатхои форсизабон шеър хонданд, аммо ғазали Симин дигар буд. Ин ғазоли сухан бо ғазалҳои нобаш мушкфишонӣ мекард. Духтараш Умед

бо бастании лазизи хонагӣ зиёфатамон дод. Дар хотимаи маҳфили зебои дидор устод Симин як китоби бузургҳаҷмашро бо соядаст ба мо тақдим кард.

Лаззати он лаҳза ҳамешагӣ бо ман аст.

## ҚИССАИ МАНУ ШЕЪРИ АВВАЛИНАМ

Дар синфҳои се ё чор мехондаму духтараки хеле сермутолиае будам. Чунон китоби бисёр мехондам, ки ҳатто падари муаллимам аз хондани зиёди ман ба танг омада ба модарам мегуфт: «Кӯдакро гӯй, ин қадар бисёр нахонад, ки ба ҷои фоида зарар мебинад. Ҳар кор меъёр дорад». Аз меъёр зиёд мехондам, менавиштам, рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон», маҷаллаҳои «Машъал», «Мактаби Советӣ», «Садои Шарқ»-ро мегирифтаму сартопо мехондам ва пас имзои зери маводи муаллиферо кӯр мекардаму номи худамро менавиштам: Раъно Хӯҷаева, хонандаи мактаби миёнаи рақами 11-уми ноҳияи Шуғнон.

Навиштаро ба додаракону хоҳараконам нишон дода, худситоӣ мекардам, ки: «Ана, боз маводи навам чоп шудааст». Кӯдакони сода ба ин бовар мекарданд.

Рӯзе аз рӯзҳо хоб дидам, ки шеъре навиштаам ва он дар саҳифаи якуми рӯзномаи бонуфузи онвақтаи марказии «Правда» чоп шудааст, номаш «Дили шоир». Шояд барои он «Дили шоир», ки ҳамон рӯзҳо аз дарси адабиёт шеъри «Дили шоир»-и Мирзо Турсунзодаро азёд карда будем. Хобамро ба касе нагуфтам, аммо пурандеша шудам. Оҳиста-оҳиста ба омӯзиши адабиёту сарчашмаҳои адабӣ машғул гардидам. Қариб тамоми китобҳои ҷевони падарамро варақ задам. Мехостам китоберо пайдо кунам, ки дар бораи таърихи адабиёти тоҷик ва як ҳавзаи он- адабиёти Бадахшон бошад. Шавқманди он будам, ки бо ҳаёту эҷодиёт ва кору

пайкори адибазанони Тоҷикистон ва, махсусан, бонувони эҷодкори Бадахшон ошноӣ пайдо кунам. Маъхазҳои мухталифро тагурӯ кардам. Ниҳоят миёни ашъори адибони асрҳои пеш бо номи се шоираи бадахшӣ дучор омадам: Махфии Бадахшонӣ, Маъсума ва Мавҳума. Андешидам, ки чи миқдори камест ин. Ҳамагӣ се нафар. Ё агар боз ҳам ҷӯяндагӣ кунам, шояд се-чор номи дигарро ёбам. Аммо ин барои Бадахшон кам аст. Барои Бадахшоне, ки зиёда аз панҷоҳ дарсади ҳудуди Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Андешидам: Ман бояд, қаламамро санҷам ва агар тавонам, ҳатман шеър нависам, то шумораи шоираҳои Бадахшони Тоҷикистон зиёд шавад! Охир шоираҳо Махфии Бадахшонӣ, Маъсума ва Мавҳума ҳам шояд аз он тарафи соҳиланд, аз Бадахшони Афғонистон...

Солҳо гузаштанд ва баъди 5-6 соли дидани ин хоб, соли 1982-юм, аввалин шеърам бо номи «Ахтари шабтоби ман» дар рӯзнома чоп шуд. Аммо дар рӯзномаи русии «Правда» не, дар рӯзномаи тоҷикии «Бадахшони Советӣ».

## ҚИССАИ МАНУ МОРИ САФЕД

Бо мори калони сафед ман се маротиба дучор омадаам. Бори аввал дар давраи кирмакпарварӣ. Модари заҳматкашам, баъди кирмакро бо барги тут сер кардан, хаставу бемадор, рӯйи гаҳвораам хам мешавад, то бо шири сина серам кунад. Рӯямро мекушояду қариб аз ҳуш меравад. Мебинад, ки дар болои сарам мори калони сафеде кулча зада хоб рафтааст. Модари бечораам ҷонсарак побандаку дастбандакамро кушодаву маро аз гаҳвора берун мекашонад. Ҳамсояҳо фарёди имдодхоҳонаи ӯро шунида, ба самти ҳавлии мо мешитобанд. Аммо аз мор на пай меёбанду на ҳайдар.

Бори дувум, боз ҳавлиамону боз корҳои беҳисоби русто. Модарам маро дар рӯйи кӯрпачае монда, бо падарам саргарми нармкунии заминанд. Баланд –баланд ағу-пағу кардани ман модарамро ба ваҷд меораду сӯям меояд. Меояду боз бечора қариб аз ҳуш меравад. Мори сафеди калон дар пешам ҳалқа задаву ман бо он чун бо беҳтарин бозича бозӣ дорам. Аз дод гуфтани модарам падарам каланди дасташро як сӯ ҳаво дода, ба наздамон медавад, аммо мор ба сӯрохии девори сангии боғ даромада, нопадид мешавад. Он вақт ман дусола будаам.

Бо ин мор ё шояд мори дигари сафед бори севум ҳам вохӯрдам. Ҳамон шабу рӯз дар кӯҳистони Помир замин зуд-зуд меҷунбид. Домуллои деҳа китоб кушода гуфт, ки шаби ҷумъа ба шанбе заминларзаи шадиди харобиовар рух медиҳад, фоҷиаи Сарез такрор мешавад. Он шаб касе аз тарс ба хонааш надаромад. Метарсиданд, ки мумкин хонахо чаппа шаванд. Модарам дар боғ бӯрё тунук карда, аз болояш аввал намади помирӣ, баъд ҷогаҳамонро партофт. Шояд аҳли деҳа чунин карданд. Танҳо падарамро аз хона бароварда натавонистем. Ӯ ҳақ надошт, ки ба гапи мулло бовар кунад, зеро коммунист буд.

Ману апаам Нозигул, ноилоҷ ҷон ба каф гирифта, ба даруни хона даромадем, то ба падарамон хӯроки шом барем. Ба остонаи хона по ниҳодаму чиррос задам. Мори сафеди бадҳайбате аз вассаи хона овезон буд. Аз ҳуш рафтам.

Дигар мавзӯи заминҷунбӣ фаромӯш шуду сухан аз мор мерафт. Падарам шабошаб ба хонаи бобоям шитофт. Рафту бобои Хӯҷаамро бо худ овард. Белчаҳои нӯгтез ва шохини дароздаста сохтанду ба ҷустуҷӯи мор пардохтанд. Тамоми вассаҳои хурду калон, сутунҳо, чорхона, хулоса, тамоми шифти хонаро бо чашми ҷарроҳ медиданд. Амалиёташон қариб шаш соат давом кард. Ногоҳ овози бобоям баланд шуд:

-Бизан, бизан! Душохаро мон, бо бел зан, сустӣ накун, бо бел зан, натарс! Ман сарашро бо душоха доштаам, зуд бош, натарс, ғайб мезанад, бизан!

Мо дар беруни хона аз тарс ба ҳамдигар ҷафс шуда интизори натиҷаи амалиёт будем.

Боз овози бобоям баланд шуд:

-Зуд кун, зуд, ғайб мезанад, зу-у-у-уд!

Ғайриихтиёр ҳамакаса худро ба даруни хона задем. Дидем, думи буридаи хунолуди мор дар фарши хона ба худ мепечад. Бобои нотарси остинбарзадаам араќи пешониашро поккунон амр дод, то падарам думи морро бурда, дар ҷои дуртаре гӯронад.

Субҳи якшанбе, ҳамсояҳоро ба ҳашар даъват карда, падару бобоям, хонаро чаппа карданд, то дар ҷояш хонаи нави бехавфу хатар созанд. Чунки дигар дар он хона зиндагӣ кардан наметавонистем, метарсидем.

Шоми он рӯз бобои нотарсам аз хонаи мо рафту дигар барнагашт. Субҳи барваќт амакбачаам давон ба хонаи мо омад ва аз бемории ногаҳонии бобоям хабар дод. Ба хонаи бобоям шитофтем, ки аллакай дер шудааст. Муллои ҳамсоя манаҳи furбобоҷонакамро доштаву зери лаб сура мехонд.

Баъдҳо гирди мавзӯи мор сухан бисёр шуд. Падари модариам бобои Мулкамон хулоса баровард: «Шояд ин мор посбон буду зараре намерасонд, аммо домулло Хӯҷа чун лонаи онро сарнагун кард, барои ҳамин таноби умраш канда шуд».

Намедонам, марги ногаҳонии бобои 76-солаам ба куштани мор иртиботе дошт ё на, аммо тамоми мардуми деҳа фикри бобои Мулкамонамро тасдиќ карданд, ки мор аз мӯйсафеди Хӯҷа ќасдашро гирифт.

## ҚИССАИ МАНУ УСТОД ЛОҲУТӢ

Он вақтҳо аллакай шеър менавиштам. Дар Бадахшон, ки каме зиёдтар аз 200 ҳазор аҳолӣ дораду қариб ҳама ном ба ном ҳамдигарро мешиносанд, зуд шоираи шинохтае гардидам. Китобчаи аввалини ашъорам бо номи «Гаҳвораи сангин» омодаи чоп буд. Ҳамон рӯзҳо хоби аҷоибе дидам. Гӯиё устод Абулқосим Лоҳутӣ ба хонаи мо омада, ба дасти ман қалам ва шамшер медиҳад. Баъд тарафи падарам нигоҳи маънидоре карда меравад. Аз тарс як қад парида бедор шудам. Гоҳи сапедадам буд. Ба назди падарам рафтам ва хоби дидаамро нақл кардам.

Падарам гуфт:

-Охир, ту ҷисман бисёр сусту заифӣ, вале, модоме ки роҳи шоириро пеш гирифтаӣ, рӯҳан неруманд бош. Устод Лоҳутӣ ҳам туро устувору матин дидан мехоҳад.

Аз ҳамон рӯз то имрӯз, агар дар коре заифӣ кунам, хоби дидаву таъбири он ба ёдам меоянду далеру матин мешавам. Чунки аз ноором шудани арвоҳи устод Лоҳутиву падари бузургворам метарсам.

## ҚИССАИ МАНУ ҲОФИЗИВУ ШОИРӢ

Дар мактаби миёна мехондам. Муаллими дарси сурудамон Нодиршо Шакаринов маро ҳар замон ҳидоят мекард, ки узви маҳфили «Ҳаваскорони санъат»-и мактаб шавам. Ту истеъдоди баланди ҳофизӣ дорӣ, овозат ба овози Нуқра Раҳматова монанд аст, дар оянда санъаткори хуб хоҳӣ шуд,- мегуфт ӯ. Аммо ман, ҳарчанд ҷуръати рад кардани ин суханонро надоштам, дар дилам волаву шайдои шеъру шеърнависӣ будам, на сурудхонӣ. Он даврон шеър менавиштаму шеърҳоямро ба касе

нишон намедодам, шарм медоштам, ки мабодо навиштаҳоям тамоман шеърият надошта бошанд.

Маҷбурӣ ба маҳфили «Ҳаваскорони санъат» шомилам карданд. Дар саҳна суруд мехондам. Аввалан таронаҳои дигаронро, баъдҳо шеърҳои худамро ба оҳанг даровaрда пешкаши тамошобинон мегардондам. Як рӯз, дар озмуни калоне ҳам баранда будаму ҳам овозхон. Эълон кардам: «Шеъри ман, оҳанги ман, худам месароям!» Сир фош шуд. Шеърнависиамро ҳамагон фаҳмиданд. Падарам дар ҳайати аъзои ҳакамон буд, табассуми маънидоре кард. Аз табассумаш рамуз гирифтам, ки санъаткор шудани маро намехоҳад, мехоҳад, шоира шавам. Узви дигари доварон муаллим Саидамир Шоҳиоламов, ки табъи шоирӣ низ дошт, гуфт, ки имрӯз ба сурудхониам 10 хол мегузорад, аммо дигар суруд нахонам, фақат шеър нависам. Бо як даст ду тарбузро бардошта наметавонӣ! -таъкид кард ӯ.

Муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷикамон Саидмаъсуми Саидқуддус аз шодӣ дар куртааш намеғунҷид. Гуфт, ки чиҳо навиштаӣ, биёр, ман бинам. Дафтари шеърҳоямро бурдам. Муаллим хонду аз хурсандӣ фарёд зад: Ту шоира мешавӣ, ту Гулрухсор мешавӣ! Аз шодии бениҳоят ашк гулӯгирам кард, зеро Гулрухсор шоираи дӯстдоштаам аст. Ашъорашро қариб пурра азёд медонам. Китобҳои шеърашро, аз куҷое набошад, дастрас мекунаму мехонаму бозпас ба соҳибонашон намедиҳам.

Худи ҳамон рӯз муаллим дар байни аҳли синфамон озмуни шеърнависӣ эълон кард, ки шояд ягон истеъдоддори дигареро ҳам кашф мекунад.

Ҳамин тавр, қиссаи ҳофизиам интиҳо ёфту қиссаи шоириям ибтидо.

## ҚИССАИ МАНУ ҲАМСОЯАМ ШАМИЛ

Солҳои 90-уми асри рафта дар шаҳри Хоруғ зиндагӣ мекардем ва бо ҷавонзани меҳрубоне бо номи Евгения ҳамсоя шудем. Евгения ва шавҳараш Шамил Ахмедзиёев аз тоторҳои шаҳри Хоруғ буданд, ки замоне бобоҳояшон ба Бадахшон омадаву сокини он ҷо гаштаанд.

23-юми августи соли 1993-юм Евгения духтарча ба дунё овард. Ба таваллудхона, барои хабаргириаш рафтам. Шавҳараш бисёр шод буд. Гуфт, ки духтарашро ҳамноми модараш-Фотима мекунад ва 23-юми августи соли оянда бояд соҳиби писарча шаванд, ки номашро Воҳид хоҳанд гузошт. Ман ин суханашро шӯхӣ пиндоштам, аммо 23-юми августи соли 1994-ум онҳо ҳақиқатан ҳам соҳиби писарча шуданду номашро Воҳид гузоштанд. Шамил боз қотеъона гуфт, ки 23-юми августи соли оянда соҳиби як духтари дигар мешаванду номаш Амина хоҳад буд.

Дигар як соли дароз ҳамин суханаш дар ёдам монду боз моҳи августи соли 1995-ум Евгения духтарча таваллуд кард ва номашро Амина гузошт. Аммо ин фарзандашон 23-юми август неву 8-уми август ба дунё омад.

Ҳанӯз ба табрикашон нарафта будам, ки Шамил ҳамроҳи шавҳарам ба хонаи мо омад. Хеле оташин буд. Гуфт:

-Хоҳарҷон, Шумо ҳуруфи арабиро хонда метавонед. Ҳамин тӯморро хонед. Ба фикрам, хушдоманам чи душмание ба ману духтараш кард, ки ин дафъа фарзандамон чанд рӯз пеш аз мӯҳлат ба дунё омад. Хандаамро базӯр ҷилавгирӣ кардам ва гуфтам:

-Акаи Шамил шӯхӣ мекунед, наход модар ба духтараш душманӣ кунад?

Гуфт:

-Мекунад, чунки вай намехост, ки духтараш боз фарзанд ба дунё орад, азоб кашад. «Ба шумо ду фарзанд бас аст»,- гуфта буд, лекин мо, ки гапашро нагирифтем, ӯ корашро кард.

Шамил изтироб дошт. Афзуд:

-Кампири девона хоҳад-нахоҳад соли оянда писарам Рауф 23-юми август ба дунё меояд.

Ҳамин тавр, 23-юми августи соли 1996-ум Рауф ба дунё омаду ман ҳам лолу хайрон мондам. Ба табрики дугонаам шитофтаму пурсидам:

-Женя, гӯш кун, акаи Шамил чӣ асрор дорад, ки пешгӯияш сад андар сад дуруст мебарояд?

Женя китф дарҳам кашиду гуфт:

-Рости гап, ман худам ҳам аз корҳои ӯ ҳайронам. Аммо ҳамин қадарашро медонам, ки Шамил пеш аз хонадор шудан бо ман зани олмонӣ доштааст. Соҳиби чор фарзанд шудаанд, ки ҳамаашон пайдарҳам, баъди яксолӣ, дар як санаи муайяни рӯз ба дунё омадаанд.

Ҳамсояам Шамил чи илми ниҳоние дошт, намедонам, аммо ҳам ҳамсараш, ҳам ман, ҳам тамоми ҳамсояҳоямон аз корҳои ӯ шигифту ҳайратзада мондем.

## ҚИССАИ МАНУ САМАКИ АЙЁР

Бадахшониён аз азал бисёр китобхонанд. Аз ҷумла, падарам бе мутолиаи адабиёти бадеӣ як рӯзи ҳаёташро тасаввур карда наметавонист. Дар хона ҳам, дар ҷойи кор ҳам китоби бисёре дошт. Сарвари Хонаи пешоҳангони ноҳияи Шуғнон буд. Дар идорааш Осорхонаи кишваршиносӣ таъсис дод ва ин осорхона дар баробари дигар нигораҳо китобҳои нодирро дар худ ҳифз менамуд. Ҳар гоҳе ба ин макон мерафтам, китобе ба ман тақдим мешуд. Чунки расми бадахшониён ин аст, ки чун ба манзилашон даромадӣ, аз он ҷо ҳатман бо тӯҳфа мебароӣ. Дар ёдам монда, ки пас аз хатми бахши аввали донишгоҳ, вақте ба идораи падарам рафтем, ба модарам рӯймоли қадимаи пашмин тӯхфа шуду ба ман китоби «Ганҷи Бадахшон». Соли дувум китоби «Синдбоди дарёгард» ба ман ҳадя гашт. Соли севум як шумораи маҷаллаи «Мактаби Советӣ», ки дар бораи падарам дар он мавод чоп шуда буд. Соле баъд «Роҳи Каҳкашон»-и Чингиз Айтматов ва дар соли панҷуми таҳсилам китоби азизтаринам- «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов, ки дар орзуяш будам.

Ман ҳам аз Душанбе ба падарам пайваста китоб мефиристондаму боре воқеаи аҷибе рух дод: Қисми тозанашри китоби «Самаки айёр»-ро равон кардаму ҳангоме тобистон ба Бадахшон рафтам, падарам афсӯсхӯрон гуфт, ки китобро ҳанӯз тамом накардаву он ғайб задааст. Тамоми хонаро таҳурӯ кардам, аммо китобро наёфтам. Дар ёдам буд, ки дар он чунин навиштаҷоте доштам: « Ба падари бузургворам».

Баъди чанд рӯз ба хонаамон хостгорҳо омаданду арӯс шуда ба хонаи мардум рафтам. Дидам, ки падарарӯсам ҳам китоби бисёре дорад. Ба варақзании китобҳо шурӯъ

кардам, ки ногоҳ китоби шиносе ба чашмам хӯрд, бо навиштаҷоти «Ба падари бузургворам». Китоб дар даст, дар ҷоям шах шудам. Шавҳарам ин кори маро дида ҳай завқ бурд. Берун тохт ва ин ҳолро ба падараш гуфт. Падарарӯсам хандон-хандон омада фаҳмонд, ки он китобро аз падарам duздидааст, чанд сол пеш, вақте аз маҷлиси назди раиси деҳшӯро баромада, ба ҳуҷраи кори падарам даромадааст.

Баъди ҳафт рӯзи тӯйи арӯсиам, мувофиқи расму оини аҷдодиамон, падару модарам ба хонаи мо ба маросими «Саршӯён» омаданд. Падарарӯсам бо завқи тамом дар бораи китоби duздидааш қисса карду ваъда дод, ки «Самаки айёр»-ро ба соҳибаш бармегардонад, лекин ба шарте ки падарам ба ӯ китоби «Чор дарвеш»-ро диҳад.

Воқеан, падарарӯсам ҳам шахси бисёр фарҳангии китобхон буд. Нақл кард, ки замони раиси колхоз буданаш ба чандин касон дар ивази китоби хуб замини корам барои хонасозӣ додааст, агарчанде ин кор дар назди қонун ҷавобгарии сахт дошт.

Чунин буд қиссаи ману «Самаки айёр»-у падару падарарӯсам.

# ҚИССАИ МАНУ НИЛУФАРАМ

Соли 1990-ум буд. Ба писарчаи яксолаи сабзчашмам менигаристаму мегуфтам: Кош духтарчае ҳам медоштам, ниличашми сап-сафеди ҷингиламӯ. Хаёлан духтарчаамро дар гаҳвораи пурнақшу нигор мебастаму «Лалайик»-и помириаш месурудам. Барои Нилуфари ҳанӯз ба дунё наомадаам ҳатто шеъре ҳам навиштам, ки унвонаш низ «Нилуфар» буд. Ин шеър дар китоби аввалинам «Гаҳвораи сангин», соли 1992-вум чоп шуд. Ва, хангоме, 12-уми июли соли 1993-вум духтарчаам Нилуфар ба дунё омад, ҳақиқатан ҳам чашмкабудаки сап-сафедаки ҷингиламӯ буд. Ҳамсояамон апаи Сунбулмо ба табрикам омаду ҳайрон-ҳайрон пурсид: Раъно, ту ё сеҳргарӣ ё одами бисёр худодод, Нилуфарчаи ниличашм мехостӣ, Худованд ба муродат расонд.

Хушбахтона хандидам.

## ҚИССАИ МАНУ ЯК МОҲИ ОМӮЗГОРИАМ

Дар соли чоруми факултаи филологияи тоҷики донишгоҳи олӣ мехондам. Дар бахши журналистика. Ҳамон сол байни кафедраи мову дигар кафедраҳо ҷанҷол бархост, ки журналистон бояд ҳатман аз таҷрибаомӯзии педагогӣ баҳраманд шаванд. Чунки дар оянда шояд на ҳамаи онҳо дар соҳаи журналистика кор ёбанд. Ба мактабҳо равонамон карданд. Ман ва чанд ҳамсабақонам ба мактаби рақами 24-уми ноҳияи Марказӣ (имрӯза Фирдавсӣ)-и шаҳри Душанбе фиристонда шудем. Дар тақсимот маъмурияти мактаб маро ба синфи 9-ум вобаста кард. Роҳбари синф норозӣ шуд. Гуфт, ки ин майдача аз куҷо синфи маро ӯҳда карда метавонад!? Синф ҳар талабаи гарданшахе дорад, ки бо онҳо худи ман ҳам сарбасар шуда наметавонам. Саркашии Н-и авбошро ҳамаатон медонед. Се сол боз дар синфи 9-ум мехонаду ҳеҷ ислоҳ шуданӣ нест.

-Муаллимаҷон, илтимос, ба ман ҳамон синфро диҳед. Чунки ман маҳз бо чунин талабаҳо кор кардан мехоҳам. Таҷриба дорам, - ғайричашмдошти ҳама бо оҳанги эътимодбахш хоҳиш кардам ман. Ҳамагон аз ин ҷасорати ман ҳайрон шуданд. Нигоҳҳо нобоварона ба сӯям равона гардиданд. Ба ин маъно, ки чи гуна донишҷӯяке манманӣ мекунад, ки ман таҷрибаи педагогӣ дорам?! Бори дигар суханамро такрор кардам. Сарвари мактаб Қурбон Ғоибназаров ба муаллим Содиқ Шабдолов маънидорона нигоҳ карду гуфт:

-Боке нест, барои озмоиш ба ҳамин синф вобастааш кунеду мебинем, ки чӣ мешавад.

Тақсимот ба охир расиду сардори синфи нӯҳумро дидан хостам. Хоҳиш кардам, ки ба ман оҳиста се рӯйхати алоҳидаро тартиб диҳад: талабаҳои душвортарбия, сустхон, танбал. Дар ҳар се рӯйхат номи як бача дохил буд.

Ба хулосае омадам, ки пас ҳамин талаба синфро ба ақиб мекашад.

Дарси аввалам бо шиносой оғоз ёфт. Вақте навбат ба як бачаи беҳад бузбалаи баришу фаш расид, тахмин кардам, ки ин ҳамон писаракест, ки дар рӯйхати сиёҳи ман аст. Тахминам дуруст баромад. Писарак аз ҷо бархосту аҳли синф хандид. Ӯ якеро бо мушт зад, дигареро бо лагад ва боқимондаро дашноми қабеҳ дода дар ҷояш нишаст. Худамро ба карӣ задам. Гӯё дашномро нашунидам. Ному насаби муштзанро гирифта гуфтам:

-Минбаъд дар дарсҳои ман ту сардори синф мешавӣ. Ҳамсинфон ҳаёҳу бардоштанд. Сиёсат кардам:

-Ман роҳбари синфатон! Чизе гуфтам, ҳамон мешавад.

Ба сардори нав супориш додам, ки баъди дарс истад, нақшаҳои кориамонро бо ҳам мебинем.

Суҳбати рӯ ба рӯямон оғоз шуд. Бачаро хеле ба нангу номус овардам. Гуфтам, ки аз пагоҳ ба мактаб бе ришу фаш, бо либоси мактабӣ ҳозир мешавӣ. Ту синфро идора мекуниву ман дарс медиҳам. Агар ягон нафар дар дарси ман беодобӣ кард, ҷавобгарӣ ба гардани худат. Таъкид намудам, ки минбаъд бо баҳои чору панҷ мехонӣ, намунаи ибрат мешавӣ!

Рӯзи дигар писарак аз ҳама пеш ба мактаб ҳозир шуд. Бо либоси мактабӣ, бо галстуки таранг бастагӣ, бе ришу фаш. Вале як чӯби дароз дар даст. Пурсидам, ки чӯбро чӣ кор мекунӣ? Фаҳмонд, ки бо он талабаҳоро хап медоронад. Кадоме дар дарс гап зад, бо он мезанад, маъюб мекунад. Не, -гуфтам,-ману ту бо ин усул кор намебарем. Ту ҳозир як кори дигар мекунӣ. То омадани ҳамсинфон вазифаи хонагиатро такрор кардан мегирӣ. Имрӯз бояд аз ман баҳои «5» гирӣ, фаҳмо!

Он рӯз писарак аз дарси ман баҳои «5» гирифт. Ҳама аз ханда рӯдакан шуданд. Ҳамин тавр, ин бача аввал аз дарсҳои забону адабиёти тоҷик, баъд оҳиста-оҳиста аз дигар фанҳо баҳои хубу аъло мегирифтагӣ шуд.

Таҷрибаомӯзиамон ба охир мерасид. Дар дарсҳои санҷишии ҷамъбастиамон муаллимони донишгоҳии мо ва роҳбарияти мактаб иштирок доштанд. Фаъолтарин талаба ҳамон бачаи душвортарбият буд. Ҳам аз фанни забон баҳои «5» гирифт, ҳам аз адабиёти тоҷик. Маъмурияти мактаб ҳайрон монд. Ман ҳам ба шарофати ин писарак аз таҷрибаомӯзӣ баҳоҳои аъло гирифтам. Аз дарси адабиёт устоди сахтгир Хайрулло Муҳибов ба ман баҳои «5» гузошту аз дарси забони тоҷикӣ устод Давлатбек Хоҷаев. Шунидам, ки баъдҳо дар бораи услуби кори ман бо талабаҳо дар маҷлиси назди декан ва ҳам маҷлиси назди ректор сухан гуфтаанд. Ба унвони кафедраи журналистика аҳсан фиристондаанд.

Ба модарам дар дилам ташаккур гуфтам. Чунки ин таҷрибаро ман аз он кас омӯхтаам. Он кас замоне дар Мактаб- интернати шаҳри Хоруғ чун муаллима айнан бо як бачаи се сол такроран дар синфаш монда чунин амал намуда буданд. Дар натиҷа хамон бача дар оянда ба сарварии як мактаби ноҳияи Шуғнон расид.

Бо шогирдаки ман қисмату тақдир баъдҳо чӣ кор кард, намедонам. Аммо дар як моҳи омӯзгории ман ӯ ба қатори талабаҳои фаъоли мактаб дохил шуда буд.

## ҚИССАИ МАНУ ЯК ИНШО

Дар синфи ҳаштуми мактаби миёна мехондам. Байни хонандагони синфҳои болоӣ иншои озмунӣ эълон шуд. Бахшида ба Соли байналхалқии муҳофизати кӯдакон. Дар мавзӯи «Мо хушбахттарин кӯдакони ҷаҳонем». Маъмурияти мактаб ин корро ба ӯҳдаи ман гузошт. Иншои хубе навиштам. Дар озмуни ноҳиявӣ ҷои якум гирифтам, дар вилоятӣ ҳам. Дар раёсати маориф иншоямро дар лифофае гузошта, ба озмуни ҷумҳуриявӣ, ба шахри Душанбе фиристонданӣ мешаванд. Ҳамин лаҳза шитобон

аз дар муаллиме медарояд. Ӯ аз як мактаби дурдасти ноҳияи Шуғнон омада будааст. Мегӯяд:

-Медонам, дер кардем, аммо, илтимос, иншои шогирди моро ҳам хонед. Доварон иншоро мекушоянд. Он аз як талабаи синфи даҳум будаву қариб пурра бо назм навишта шудааст. Ба ҳакамон писанд меафтад. Иншои маро як сӯ монда иншои манзумро ба Душанбе мефиристонанд.

Ин хабар ба мактаби мо расид. Муаллимон номи талабаи ғолибро дақиқан намедонистанд, гуфтанд, ки писарбачае аз мактаби рақами 28-уми ноҳияи Шуғнон аст. Хеле пуралам гиристам. Худро сарзаниш кардам, ки чаро бо назм нанавиштам, охир ман ҳам шеър навиштан метавонам-ку. Дар дил қасам хӯрдам, ки муаллифи ҳамон иншоро ҳатман меёбаму дар дигар озмунҳо аз ӯ пеш мегузарам.

Соли 1982-вум ба факултаи филологияи тоҷики ДДТ дохил гардидам. Ҳамчун шоираи навқалам байни донишҷӯён зуд шинохтаву ба узвияти маҳфили «Адибони ҷавон»-и пазируфта шудам. Ин маҳфил ҷавоншоирону мунаққидони хуберо муттаҳид мекард. Аз ҷумла, Ато Мирхоҷа, Рустами Ваҳҳоб, Озарахш, Сиёвуш, Варқаи Охонниёз, Муҳиддини Шоҳинбод, Мавҷигул, Хайрандеш, Шамсиддини Солеҳ. Чун бо Ато Мирхоҷа аз як нохия будем, аҳди бародариву хоҳарӣ бастему ҳамдигарро хеле эҳтиром мекардем.

Солҳо мегузаштанд. Бо бародарам Ато аз ҳар хусус суҳбат мекардему рӯзе сухан ба солҳои мактабӣ печид. Ато нақл кард, ки дар синфи даҳумиаш бо назм иншо навиштаасту он ба озмуни ҷумҳуриявӣ роҳ ёфтааст. Як кад паридаму гуфтам, ки Шумо кадом мактабро хондаед?

Гуфт, ки мактаби 28-умро. Хуб хандидаму гуфтам, пас Шумо ҳамон одаме будаед, ки иншоатон аз иншои ман пеш гузашт. Қиссаи бухлу бадбинии солҳо ба муаллифи

ҳамон иншо доштаамро ба Ато нақл кардаму ҳарду хуб хандидем.

## ҚИССАИ МАНУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Ба андешаи ман, ваҳдат шаҳсутунест, ки агар он мустаҳкам набошад, кохи зиндагӣ фурӯ мерезад. Бе ваҳдат, умуман, ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин хотир, ҳамешагӣ посдору посбони ваҳдатам.

Ёд дорам. Ҳангоме ки Тоҷикистони мо солҳои навадуми асри рафта дар коми аждаҳои ҷанг чун мурғи нимбисмил заифона метапид, хоб аз чашмам батамом парида буд. Ба даргоҳи Худо ниёиш мекардам, ки сулҳу амониро ба кишварамон баргардонад. «Тоҷикистони мо набояд ҳамқисмати Афғонистони ҳамсоя шавад»! -Ҳамин андеша дар сар, сулҳу ваҳдатро тарғибу талқин мекардам. Ҳамроҳи раиси занони вилоят Анҷирбегим Мақбулшоева ҷон ба каф гирифта, бо гурӯҳҳои ҳукуматӣ ба шаҳру ноҳияҳои даргиртарини ҷумҳурӣ сафар мекардему мардумро ба муттаҳидиву бародарӣ даъват менамудем. Дар нуқтаҳои доғи кишвар ба сӯямон на танҳо тири нигоҳҳои ғазаболуд равона мегардид, ҳатто сангу кулӯху ҳар чизи дигаре гоҳе тарафамон партоб мешуд. Аммо азмамон комил буд. Пайваста мардумро ба сулҳу субот ва ҷамъ омадан дар атрофи ҳукумати қонунӣ даъват мекардем. Борҳо бо марги яқин рӯ ба рӯ омадем. Вале агар паймонаи умри одам пур нашуда бошад, аҷал ӯро бурда наметавонистааст. Даҳшатноктарин рӯзҳоро дидему боз ҳам зинда мондем. Ин ҷо танҳо чанде аз он лаҳзаҳои мудҳишро ёдовар шудан мехоҳам, ки барои ҳифзу нигаҳдории ваҳдат бо мо рух додаанд.

Тобистони соли 1993-вум буд. Дар ҷоям шах шудам, вақте се нафар силоҳдор ба хонаам даромада, бо нӯги силоҳ таҳдид карданд, ки чаро ба гирдиҳамоии мардуми

назди бинои Ҳукумати вилоят намеравам? Силоҳдорон дӯғ заданд, ки барои чӣ чандин шоиру шоираву рӯзноманигор дар байни митингчиёнанду ман аз мубориза бурдан зидди ҳукумат саркашӣ мекунам? Қатъиян ваъда доданд, ки дар рӯзҳои наздиктарин нобудам хоҳанд кард! Ба даҳшат афтодам. Вале ин лаҳзаи даҳшатноктарин набуд, даҳшатноктаринашро ҳам ба чашм дидам.

Даҳшатноктарин лаҳза он соате буд, ки баъди баргаштанамон аз як мулоқот бо мухолифини ҳукумат силоҳдорон ҳамсафарамон устод Ширин Бунёдро ба лаби дарёи Ғунд фароварда, мили автоматро ба пешониаш рост карданд. Устоди устуворамон маҳз аз ҳамон лаҳза бемор шуду дигар ба худ омада натавонист ва оқибат дардҳои дилаш ба бемории бедаво печиданду аз олам бурданд ӯро. Вале инаш ҳам лаҳзаи даҳшатноктарин набуд, аз ин даҳшатноктарашро ҳам ба чашм дидам.

Моҳи майи соли 1998-ум хеле сербориш омад. Як ҳафтаи пурра борони сел меборид. Мо, 21 нафар ҷавонони бадахшонӣ ба самти Душанбе равон шудем, ба мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони лаёқатманди ҷумҳурӣ. Ба роҳ даромадан хатари зиёде дошт, аммо ба неруи ҷавониамон такя мекардем.

Бо автобус то ноҳияи Дарвоз расидем. Дар маркази ноҳия ҳушдорамон доданд, ки бо роҳи ағбаи Сағирдашт наравем, он ҷо мухолифини ҳукумат қароргоҳҳо доранд. Онҳо аз ҳар кунҷу канори ҷумҳурӣ, ҳатто аз хориҷи кишвар ба ин ҷо омадаанд. Мепарронанд моро. Бояд бо роҳи Дарвоз-Кӯлоб равем. Аммо чандин километри ин роҳ ҳанӯз сохта нашуда буд.

Ба мавзеи Жаки Дарвоз расидему пиёда шудем, зеро борони сел пули болои рӯди пуртуғёнро аз байн бурда буд. Пойафзолро аз по баровардаву домону остин барзада рӯдро убур кардем. Зери борони сел, байрақи Тоҷикистон дар даст, ба чорабинии сатҳи олӣ мешитобидем. Чӣ

азобҳое, ки дар роҳ дидем, Худо ба ягон бандааш нишон надиҳад. Дар ҳар қадам, дар ҳар як бунгоҳи назоратии намедонам ба кӣ тааллуқдор борхалтаву ҷомадонҳои сафариамонро сад бор тагорӯ мекарданду ҳар кас ба таври худ азиятамон медод. Истинтоқи зиёд медидем. Чор нафар духтар будему ҳабдаҳ нафар писарбача. Духтарон пуртоқаттар баромаданд, вале чанд нафар ҷавонписар дар Девдараи ҳавлнок аз пой афтода, дигар маҷоли роҳгардӣ надоштанд. Қарор шуд, ки бозпас ба Хоруғ бармегардем. Аммо роҳи бозгашт ҳам вуҷуд надошт. Хабар ёфтем, ки силоҳдорони роҳи Сағирдашт ба ду тақсим шуда, аз пасамон меоянд. Гурӯҳе ба Душанбе ҳаракат кардаанду азм доранд, ки дар шаҳр "пешвоз"-амон мегиранд, гурӯҳи дигар аз қафоямон мешитобанд. Қасам хӯрдаанд, ки ягонтои моро зинда намемонанд. Ана, дар ҳамон ҷо аввал аз мубориз буданам заррае нишон намонду оҷиз шудам. Фарзандакони хурдсоламро хаёлан ба оғӯш кашида, зор-зор гиристам. Нилуфараки 5-солаву Муборизи 9-солаамро ба Худо супорида, бо сӯзу дард ниёиш мекардам. Аммо боз кадом қувваи ғайбие неруям бахшиду пешопеши гурӯҳ қадам мондам.

Чор рӯзи пурра дар камари кӯҳҳои ваҳшатзо, бе ному нишон, аз оламу одам ҷудо будем. Тӯшаи роҳамон тамом шуду дар дидбонгоҳҳо ба мо нону консерваҳои аскарӣ медоданд. Ҳамсафарамон Додихудои ғӯрамарг-корманди телевизиони вилоятӣ ҳамаи ин ҳолати моро раҳбарaҳ ба навор мегирифт ва он сабтро баъдҳо чанд бор аз тариқи Телевизиони Бадахшон нишон доданд.

Ниҳоят шомгоҳе ба деҳае расидему гӯиё субҳи сафед ба рӯямон оғӯш боз кард. Аз дур рӯшноӣ ба чашм мерасид. Аммо касе аз байни мо ба он самт ҳаракат карда наметавонист. Хаставу раҳкӯфтаву азпоафтода будем. Сардори раёсати Созмони ҷавонони вилоят Зӯҳробек Бӯрибеков қарор дод, ки мо бояд бимонему ӯ ба сӯи рӯшноӣ равад, то мошинеро киро карда биёрад.

Сарвар рафту то дергоҳ наомад. Аз тарсу ваҳму сардии зери борони сел, то зону ба лой ғӯтида, болои борҷомаҳоямон менишастем. Марги яқин моро таҳдид мекард. Неруи ҷавонӣ ҳам дар пеши ин бечораҳолии мо дигар коре карда наметавонист. Ҳатто шоир Варқаи Охонниёзи шӯхтабиат, ки лутфи басо латифу шакарин дорад, дигар лаб ба сухан намекушод. Танҳо гоҳ-гоҳе Соҳибаи ҳофиза бо овози хаста фалаки помирӣ месуруду ин дар дили мо ваҳми зиёдтаре меангехт, чунки дар Бадахшон одатан аз қафои ҷаноза фалак мезананд.

Неруи ҷавониамон соат ба соат кам мегардид. Маҷоли роҳгардӣ намонд. Духтарон ҳам аз по афтоданд. Баҳори Даштиҷум ин қадар сард будааст. Шояд тарсу ваҳм ин ҷоро бароям боз ҳам сардтар нишон медод, ки баҳори Мурғоби сардиқлими Бадахшон ба ёдам омад. Он баҳори ёздаҳ сол пеш-соли 1987-ум, ки бо котиби идеологии кумитаи партиявии вилоят Подшоҳбегим Ҳафизова ва чанд нафар корманди дигари салоҳиятдор ба мулоқот бо оқсақолҳои Мурғоб мерафтем. Ба мулоқоти оқсақолҳое, ки исён бардоштаанд, аз тобеияти Тоҷикистон озоду ба ихтиёри Қирғизистон дода шаванд. Бо азобе оромашон кардем. Боз шарт пеш гузоштанд, ки аз даъво даст мекашанд, агар барояшон масҷид сохтаву ба истифода диҳанд. Ин шартро он вақтҳо пазируфтан чӣ қадар душвор буд, ҳамагон медонанд. Хулоса, бо азоби алиме мулоқот бо оқсақолҳои қирғизро ҳаллу фасл намудем...

Инак, дар Даштиҷум ёд аз Мурғоб мекардаму тамоми аъзои баданам меларзид.

Шоми ҳавлноки сарди Даштиҷум ба шаби ваҳшатзо табдил ёфту аз сарвари гурӯҳамон дараке нашуд. Ҳамсафарамон Перӯз, ки дар синну сол аз ҳама калонтар буд, амр дод, ки барои таъмини бехатарӣ байрақро баланд бардошта, ба самти рӯшноӣ пайсипар шавем. Ҳоли байрақ ҳам дар зери борони пуршиддат аз ҳоли мо монданӣ надошт.

Таваккалан ҳаракат кардем. Чандсад метр роҳро паймудем, ки аз дур суроби одамон намудор шуд. Сарвари гурӯҳамон будааст, ки бо ду нафар низомипӯш меомад. Хушхабар расонд, ки дар рӯшноӣ қароргоҳи сарҳадисту сардори он ҷо гуфтааст, ки меҳмонони бадахшониро ба ҳузураш биёранд. Тарсону ларзон равон шудем. Мавзеъ Шоҳон ном доштааст.

Худоё, чи одами хубе будааст сардор. Номи некаш аниқ дар ёдам намонда. Ба хаёлам, Лоиқ Рустамов ё Рустам Лоиқов ном дошт он марди шариф. Хеши наздики Сангак Сафарови ҷанговар будааст. Мо, духтаронро дар хонаяки ошпаззани қароргоҳ ва бачаҳоро дар казармаи аскарон ҷо доданд. Буз куштанду хони бародарӣ кушоданд. Ғизои гарм хӯрдему хеле дам гирифтем. Баъд дари хоначаамон тақ-тақ шуд. Сардор муаддабона ҳамаро ба майдон даъват кард, то бо ҳам базми ҳақиқии дӯстӣ барпо кунем.

Гулхан афрӯхтанду гирдаш базми шеъру суруду рақс танин андохт. Соҳибаи Давлатшо месуруду аскарон, автоматҳо дар китф овезон, ҳамроҳи ҷавонони бадахшонӣ мерақсиданд.

Рӯзи дигар тибқи супориши сардори қароргоҳ моро дар болои кузови трактор савор карда, аз оби Ниёв гузаронданд. Гуфтанд, ки то дина аз ин об одамон бо асп мегузаштанд, аммо чун дирӯз аспакие ғарқи об шуд, имрӯз танҳо трактор қудрати убур кардани рӯди пуршӯрро дорад.

Аз оби Ниёв гузашта боз роҳро идома додем. Ва ҳангоме, ки тахминан 150 километр роҳро пиёда паймуда ба Шӯрообод расидем, ба истиқболамон автобусҳо омаданд. Маълум шуд, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз толори ҷаласаи мулоқот бо ҷавонон ба Ҳукумати Шӯрообод ба воситаи радио барқия додаву масъулонро вазифадор кардаанд, ки ҷавонони бадахшониро хуб пешвоз гирифта, ба шаҳри Душанбе расонанд.

Ба Душанбе расидем, аммо ба мулоқоти Сарвари дав-

лат бо ҷавонон худро расонда натавонистем. Баъдтар Сарвари давлат моро алоҳида қабул карданду мулоқот оростанд. Аз мушкилоти роҳ, аз Девдараи ҳавлнок қисса кардем. Ҷаноби Олӣ гуфтанд, ки дар кӯтоҳтарин муддат ин роҳ сохта хоҳад шуд. Фаҳмидем, ки дар ду тарафи пайроҳаи кӯҳие, ки мо бо он ҳаракат мекардем, аз тарафи мухолифини ҳукумат мина хобонда шудааст. Чанд муддат пеш арӯсу домоде аспакӣ аз ин роҳ гузашта, ба мина бархӯрдаву ба фоҷиа дучор шудаанд... Вале инаш ҳам лаҳзаи даҳшатноктарин набуд, аз ин даҳшатноктарашро ҳам ба чашм дидам.

Даҳшатноктарин лаҳза он лаҳзае буд, ки дар як нуқтаи доғи ҷумҳурӣ бо мо рух дод. Ба он ноҳия ҳатто паранда парвоз кардан наметавонист. Ноҳия пурра дар зери тасарруфи силоҳдорони мухолифи ҳукумат қарор дошт. Рақсу суруд он тараф истад, шеър хондану аз минбар сухан гуфтан дар он ҷо мамнуъ буд. Ва, ана, дар ҳамон лаҳза Ҳукумати вилояти Бадахшон боз мо, чанд нафар одамони бебоктарро ба он ҷо равон намуд. Рафтему дар маркази ноҳия базми 8-уми мартии занонро барпо кардем. Ман барандаи маҳфили ҷашнӣ будам. Аз маркази вилоят занон омаданду аз занони таҳҷоӣ низ. Базм чанд соат давом кард. Шукрона гуфтем, ки таҳдиде ё ҳуҷуми мусаллаҳонае ба базмгоҳ нашуд. Тарсу ваҳмамон бартараф гашту бо дили шод азми бозгашт ба Хоруғ кардем. Вале шодиамон дар як лаҳза ба ғам мубаддал гардид. Муовини раиси вилоят, ки гурӯҳамонро роҳбарӣ мекард, иттилоъ дод, ки зани ҷавоне, ки хонаи шавҳараш дар шафати базмгоҳи ҷашниамон будааст, вафот кардаву акнун майиташро бо худ ба хонаи падараш мебарем. Ҳамроҳи раиси занони вилоят аз мошин фаромада, фаҳмидем, ки он зани бечораро куштаанд, зеро вай мехостааст, ки дар Ҷашни 8-уми март иштирок кунад.

Аз байни барфу барфтӯдаҳо мошин бо майити ҷавонзани бистучандсола вазнин-вазнин мерафту моши-

ни мо аз қафояш. Аммо инаш ҳам даҳшатноктарин набуд. Даҳшатноктарин воқеаро ҳам дидаам.

Он вақт ҷанги бародаркуши тоҷикон дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар аланга мезад. Дар Бадахшон ҷанг набуд, аммо гурезаҳо аз ҳар гӯшаи Тоҷикистон, аз тариқи марзи Афғонистон ба Бадахшон гузашта, бошитоб мусаллаҳ мешуданд. Ба Тавилдара меравем, бо қувваҳои ҳукуматӣ меҷангем! -мегуфтанд. Бачаҳои таҳҷоиро бо ҳарфҳои дурӯғин ба нангу номус оварда, ба ҷанг сафарбар кардан мехостанд. Ба чашми мардум хок пошиданӣ мешуданд. Мегуфтанд, ки аскарони ҳукуматӣ омада, шуморо мекушанд, хонаҳоятонро оташ мезананд, авлодатонро нест мекунанд!

Аз се нафар писари як хонаводаи бадахшонӣ касе ба бачаҳои ярокдор ҳамроҳ нашуд. Модарашон ба ин роҳ намедод, зеро тарафдори ҳукумат буд. Таъкид кард, ки агар ягонтои шумо ба муқобили ҳукумати қонунӣ хестед, маро дигар модар нагӯед, ширамро ба шумо пиҳил намекунам!

Вале ба хонаи онҳо хам силоҳ оварданд. Як писари хонадонро зӯран бо худ мебурданд. Ин лаҳза модар бо тамоми овоз ғирев бардошт:

-Бачаам, ту ба ҳеҷ ҷо намеравӣ! Агар рафтӣ, дигар модар надорӣ. Дар қаъри дарё меафканам худро!

Ҷавон аз бачаҳо барои лаҳзае ҷавоб гирифту ба ҷои хилват рафт ва баъди чанде овози тир баланд шуд. Шаҳписари 21-солаи паҳлавон худро аз по паррондд, то аз пои равон маҳрум шаваду ба ҷанги зидди аскарони ҳукумати қонунӣ наравад. Оҳ, дидани он лаҳзаи мудҳиш чӣ қадар сахту сангин буд!

Маҷрӯҳро фавран ба беморхонаи вилоятӣ бурданду хунравиро бо азобе қатъ карданд. Духтурон гуфтанд, ки абадан маъюб мемонад вай.

Бале, бо ҷони ҷавонаш бозӣ кард писар, аммо сухани модарро нашикаст. Суханеро, ки оқибат якпорчагии Тоҷикистонро таъмин намуд. Хуне, ки аз раги пои он

фидоӣ фаввора мезад, ҳанӯз ҳам аз пеши чашмам дур намеравад.

Ҳамин тавр, даҳшатноктарин соати ҳифз кардани Ваҳдати миллиро ман дар ҳамон лаҳза дидам. Дар сухани муқаддаси модар ва хуни пои писари 21-солаи бадахшонӣ!

## ҚИССАИ МАНУ ПОДШОҲБЕГИМ ҲАФИЗОВА

Бо собиқ котиби Кумитаи ҳизбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Подшоҳбегим Ҳафизова ба қавле очаву бача будем. Ман ӯро зиёд дӯст медоштам, ӯ ҳам ба ман модарвор меҳрубонӣ мекард. Аҷаб хубсурату нуронӣ буд ин модари маънавии ман. Чунон лаҳни ширине дошт, ки ҳар кас агар боре бо ӯ дар суҳбат мешуд, дигар шефтаи лаҳни ишкошимиву мардуми диёри лаълдори Ишкошим мегардид. Лаъли ноби Ишкошиму тамоми Тоҷикистон буд Подшоҳбегим Ҳафизова.

Соли 1987-ум донишгоҳи олиро хатм кардаму бо ҳидояти ӯву устод Ширин Бунёд ба Бадахшон даъват шудам. Бо ҷои кор ва хонаи сеҳуҷрагӣ таъминам карданд. Муаллима Ҳафизова куҷое мерафт, маро бо худ мебурд. Аммо бо амри сарнавишт охири солҳои навадум ӯ аз Бадахшон ба Душанбе кӯчид. Баъди чанд соли рафтанаш ман ҳам чунин кардам.

Моҳи апрели соли 2005-ум буд. Ба ҷои корам мерафтам. Ногоҳ мошини фавқулода аҷибе омаду дар пешам истод. Ишора шуд, ки ба мошин дароям. Дидам ҷавони ишоракарда собиқ ҳамкорам-рӯзноманигор Одил Толибов аст, писари муаллима Подшоҳбегим Ҳафизова. Гуфт, ки Раъно, модарам туро аз оинаи нилгун дида фаҳмидааст, ки ба Душанбе омадаӣ, диданат мехоҳад. Рақами телефонҳо, суроғаи хонаву ҷои кори модарро ба ман гуфт. Ваъда додам, ки имрӯз ё пагоҳ ҳатман ба

дидорбиниаш меравам, аммо ба хона не, ба ҷои кораш. Чунки ҷои кораш ба манзили зистам наздиктар будааст.

Бисёр серкор шудаму ду рӯзи дигар рафта натавонистам. Танҳо рӯзи сеюм пеш аз ба кор рафтанам ба назди муаллима шитобидам. Субҳи барвақт буд, аммо муаллима дар ҳавлӣ беқаророна интизори ман меистод. Ба сӯям оғӯш кушоду гуфт:

-А духтар, агар имрӯз ҳам намеомадӣ, аҷаб гуноҳи азиме мекардӣ.

Чандин сол, ки ҳамдигарро надида будем, аз шодии дидор ашк рехтем. Муаллима гуфт, ки утоқи кориаш дар ошёнаи дувум аст, аммо боло баромадан наметавонад. Дар ошёнаи якум ба ҳуҷрае даромадем ва рӯ ба рӯ нишастем. Фаҳмидам, ки ин чо Маркази офиятгардонии «Фриденсдорф-Интернатсионали Олмон» дар Тоҷикистон аст, ки 14 сол боз ба тариқи хайрия амал мекунаду муаллима Ҳафизова сарвари он мебошад. Муаллима садҳо нафар кӯдакони маъюбу маслукро аз тариқи ин марказ ба Олмон бурдаву бо кумаки хайрхоҳонаи дуктури олмоние бо номи Рональд Голен Фуртнер шифо бахшидааст. Медонистам, ки пеш аз ин муаллима раисии Бунёди кӯдакони Точикистонро ба уҳда дошт.

Бо модари маънавиам рӯ ба рӯ менишастаму худро аҷаб хушбахт меҳисобидам. Насиҳатам кард, ки бо фалон шоир ё рӯзноманигор ё сиёсатмадор ҳамнишинӣ накунам. Гуфт, ки танҳо бо одамони хуб робита дошта бошам. Фаҳмонд, ки Душанбе Бадахшон нест, ки нозпарвардаам кунад Аз хонаводааш ҳарф зад. Хушҳолӣ кард, ки духтари ягонааш дар ҳамсоягиаш иқомат дорад. Чанд бор номи писари ғӯрамаргаш Салимро гирифт ва боз худро ислоҳ кард, ки: «Ана дидӣ, ҳушу ёдам фақат ба Салим, вагарна суханам дар бораи Илҳомҷонам буд».

Қаноатмандона табассуме карду гуфт: «Хайр, Раъноҷонамро дидам, тамоми розҳоямро гуфтам, диламро холӣ кардам, акнун чизе шавад, биме надорам».

Аз дидори ҳам сер намешудем. Аммо саросема будам, бояд ба ҷои корам мерафтам. Муаллима гуфт, ки рӯзи шанбе дар ҷои корашон ҳашар доранд. Хоҳиши зиёд кард, ки ман ҳамон рӯз ҳатман пешаш биёям, то коргарон кор кунанду мо суҳбатамонро идома бахшем.

Ваъдаи қатъӣ додаму ба идораам рафтам. Рӯзи дигар дар ҳуҷраи корам менишастам, ки аз нашриёти «Нодир» рӯзноманигор Ноёбшо Зӯҳробеков занг зад. Ӯ ҳамон рӯзҳо китоби «Садбарги кӯҳӣ»-амро чоп мекард. Узр хост, ки дирӯз китобро муқовабандӣ кардан натавонист, фурсат наёфтааст, апаи Подшоҳбегим аз дунё гузашту майиташро ба Бадахшон гусел кардааст. Фарёд задам, ки охир ман дина то соатҳои ёздаҳ бо он кас будам, бемор набуд-ку.

Баъдтар ба хонаи шодравон Подшоҳбегим Ҳафизова рафтаму аз духтараш фаҳмидам, ки модар бемории шадиди дил доштаасту ҳамон рӯзҳо таҳти назорати қатъии духтур бояд дар беморхона ё дар хона хоб мерафт. Аммо чун қоидаро вайрон карда, ба ҷои кораш, барои дидорбинӣ бо ман омад, дили заифаш тоб наовард.

Пурдардонаву гунахкорона гиристам. Охир муаллима бемори сахт будаасту ба ин нигоҳ накарда маро дидан мехостааст.

«А духтар, агар имрӯз ҳам намеомадӣ, аҷаб гуноҳи азиме мекардӣ!»- гуфтанаш хаёлан дар гӯшам садо доду сарамро ба китфи Моҳбегими духтараш гузоштам ва боз ҳам сахттар гиристам. Ба ёд овардам, ки муаллима баъди дидорбиниамон қаноатмандона табассуми зебое карда гуфта буд: «Хайр, Раъноҷонамро дидам, тамоми розҳоямро гуфтам, диламро холӣ кардам, акнун чизе шавад, биме надорам».

Розҳои пешазмаргии муаллимаро ба апаи Моҳбегим нақл кардам.Духтари муаллима, ашки сӯзон дар чашм, қаноатманд шуд, ки: «Хайрият, Раъноҷон, модарам ба орзуяш расид, туро пеш аз чашм аз дунё пӯшидан дид,

вагарна пурармон аз олам мерафт».
Боз ҳам баландтар гиристам.

## ҚИССАИ МАНУ ЗАБОНИ ҲИНДӢ

Моҳи августи соли 2003-вум буд. Аз Хоруғ ба Душанбе мекӯчидем. Дар ҳамон ҷо ҳам зиндагии хуб доштем. Муовини сармуҳаррири ҳафтаномаи вилоятии «Бадахшон» будам. Фарзандонам дар беҳтарин литсейи шаҳр таҳсил мекарданд. Қариб ба тамоми чорабиниҳои фарҳангии вилоятиву ҷумҳуриявӣ даъват мешудам. Аммо қарор додам, ки бояд дар пойтахт бошам.

Озими сафар мешудем. Ҳамкоронам аз мақсадам огоҳ гаштаву гуфтанд, ки аз сафар сарфи назар кунам. Ҷои гарматро хунук накун, -гуфтанд. Азмам қатъӣ буд. Аз роҳам нагаштам. Сармуҳаррири ҳафтаномаи «Бадахшон» Мирзоазиз Мирзоқандов дар ҳуҷраи кориаш маҷлиси унс оростаю дастархони зиёфати хайрбодӣ густурд. Дар лифофа ба ман пул дароз кард. Гуфт, ки дар Душанбе хона дорӣ, ба ин сӯм барои хонаат қолин мехарӣ ва тавассути он ҳамеша ҳамкорони собиқатро ба ёд меорӣ. Ҳамкорон бо навбат дуои сафарам доданд. Дугонаам Нуринисо дар вараҷе чизе навишт. Хонда натавонистам, ба забони ҳиндӣ буд.

Ба Душанбе расидему зиндагии нав оғозидем. Муовини сардабири маҷаллаи «Фирӯза» таъин шудам. Рӯзе аз даруни китобе хатчаи Нуринисо афтид. Дурудароз ба он зеҳн мондаму табассум кардам. Нурӣ дар ин ҷо чиҳо навишта бошад?-меандешидам ва мактубро ба духтарчаам додам, то дар ҷевон монад. Ҳасрат кардам, ки хатча ба забони ҳиндисту бароям нофаҳмост. Бояд ба ягон ҳиндидон нишонаш диҳам. Нилуфараки даҳсолаам аз ин суханам ба нанг омада будаасту ман бехабар.

Баъди ду сол аз кучое Нилуфар эълоне овард, ки дар Душанбе, дар Сафоратхонаи Ҳиндустон курси омӯзиши ройгони забони ҳиндӣ кушода шудааст. Афзуд, ки ӯ ҳатман ин курсро мехонад.

Ба Сафоратхонаи Ҳиндустон рафтем. Муаллимаи Нилуфар Меҳринисо Солеҳова ном бонуе буд, ки мисли дугонаам Нуринисо гурӯҳи ҳиндии факултаи забонҳои Шарқи донишгоҳро хатм кардааст. Дарси аввалашро бо «намасте», яъне салом сар кард ва дар тахтаи синф чанд аломати аҷиб гузошт, ки ҳарфхои ҳиндӣ буданд.

Моҳҳо мегузаштанд. Рӯзе Нилуфар мактубчаи дугонаам Нуринисоро бароварду аввал ҳиҷо ба ҳиҷо, баъд равон хондан гирифт. Дар охир бо ифтихор эълон кард: Ман омӯзиши забони ҳиндиро маҳз барои хондани ҳамин хатча ихтиёр карда будам. Ана, имрӯз ба мақсадам расидам.

Баъдтар Нилуфар ба забони ҳиндӣ чанд шеър ҳам навишт. Шеърият доштанд ё на, намедонам, аммо сафири вақти Ҳиндустон шеъракҳоро хонда, ба ӯ Гувоҳномаи аъло супорид. Он гувоҳнома дар сандуқам ҳанӯз ҳам маҳфуз аст.

## ҚИССАИ МАНУ ЯК ТАДБИРАМ

Он вақт хоҳаракам Саломат 2-сола буду ман 15-сола. Ногаҳон ӯ бемор шуду модарам Нозигули апаамро ба назди муллои деҳ фиристонд. Мулло китоб кушода гуфтааст:

-Бемории ҳозираи хоҳарчаат вазнин нест, сиҳат мешавад, аммо дар 14-солагиаш хатари марг дорад.

Апаам Нозигул гирёну нолон ба хона омаду суханони муллоро ба модарам расонд. Модарам кӯдаки беморро ба синааш пахш карда фиғони осмоншикоф бардошт. Ҳама ба ӯ ҳамовоз шудем. Хонаи тинҷамон ба ғамхона табдил ёфт. Ҳар кас ба таври худаш нола дошт. Яке беовоз, дигаре нимшунаво, севумӣ бо овози баланд. Аз Парвардигори олам илтиҷо мекардем, ки лухтакчаи ҷингиламӯякамонро аз мо нагирад. Кӯдаки бемор ҳайрон-ҳайрон ба мо менигаристу гоҳе гирёну гоҳе хандон мешуд. Тифли дусола чиро ҳам мефаҳмид?

Солҳо ба назарамон мисли рӯзҳо зуд-зуд ҳамдигарро иваз мекарданд. Хоҳарчаам Саломат ба синни 12 расид. Духтари бехабар аз гапи мулло хушбахту хушҳол месабзиду мо пинҳонӣ аз ӯ ашк мерехтем. Ғамзада будем. Ҳатто падари коммунистам ҳам ба ҳарфи мулло бовар карда, ба бемории дилу фишори хун мубтало гардид. Модари зебоям, ки сураташ замоне муқоваи маҷаллаи бонуфузи марказии «Огонёк»-ро зеб медод, мисли чӯб хушк шуд. Зиндагӣ барои аҳли хонавода ранг бохт.

Маскуни шаҳри Хоруғ шудам. Аммо ҳафтаи корӣ ба охир мерасиду ба зодгоҳам Поршинев, ба хонаи падариам мешитофтам. Хоҳараки хушрӯямро ба синаам пахш карда, дарун-дарун месӯхтам. Дар пешаш худамро медоштам, аммо чун аз наздам мерафт, мегиристаму зери лаб ба Худо ниёиш мекардам. Хоҳарам бисёр нозанин

шуда буд. Мисли гули зеботарини баҳорӣ таровату накҳат дошт. Ҳар касе ӯро медид, ҳатман мегуфт: «Чашм нарасад, ин кадар хушрӯст, келинаш мекунам».

Боз як соли дигар гузашту Саломати мо ба баҳори 13-уми ҳаёташ қадам гузошт. Дигар ба хона, барои дидорбинӣ, боз ҳам зиёдтар мерафтам. Апаам Сайлигул ҳам мисли ман шаҳрнишин буду ҳар рӯзи шанбе ба зодгоҳ мерафт ва рӯзи душанбе бармегашт. Ӯ ҳам барои хоҳарам мисли шамъ обу адо мешуд. Аввал ба дарди ҷоғар гирифтор шуд, баъд ба дарди дилу заъфи асаб. Рӯзе ҳангоми ба ҳавлии падар ворид шудан хоҳарамро ба оғӯш кашида, баланд ҳунгос зад, ки: « Худоҷон, ҷони маро бигиру хоҳараки навниҳолакамро набар. Наход ҳамагӣ 14 сол умраш диҳӣ, Худоҷон!? Не, не, гапи мулло, иншоаллоҳ, дурӯғ мебароянд.»

Сирри махфии 11-солаи хонаводагӣ фош шуд. Хоҳаракам Саломат аз суханони апаам ҳайрон монд. Ранг аз рӯяш парид. Ба ҳар яки мо саволомез менигарист, ки кай, кадом мулло, чаро чунин гуфта, ки ӯ ҳамагӣ 14 сол умр мебинад!?

Худоё, хоҳаракам аз пешомади сиёҳ огоҳ гардид! Дар як дам баҳори сабзи пайкари духтар ба пойизи зард бадал гашту дигар ҳама ошкоро менолидем.

Рӯзи душанбе ба ҷои корам рафтаму боз рӯзи истироҳат ба деҳа шитофтам. Хоҳаракам ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфта буд. Тамоми аъзои баданаш дардманд гашт. Дигар аз торикӣ метарсид. Шаб дар бағали модарам худро панаҳ мекард. Мисли ғунчаи пажмурдае шуд. Ман ҳам ба дарди ҷоғару фишори хун печидам. Шабу рӯз тадбир меандешидам. Хоҳарамро аз чанголи марг халос кардан мехостам, аммо аз тарс дигар на ба мулло муроҷиат мекардему на ба духтур.

25-уми моҳи марти соли 1991-ум фаро расид. Хоҳари бечораам 13-ро пур карду ба 14 қадам гузошт. Ларза дар баданамон афтод. Шабҳо хобамон намебурд. Чораҷӯӣ

мекардему ниҳоят Худои меҳрубон мадад кард. Ба сари ман фикре омаду соати 3-и шаб аз ҷогаҳ хеста, пайи амал шудам. Оҳиста риштаи тӯмори Муборизи дусолаамро аз гарданаш халос кардам. Онро модарарӯсам барои аз чашми бад бехатар мондани бачаам аз кадом муллое гирифтааст.

Тӯмор дар матои сафед печонида шуда буд. Мато андаке кӯҳна метофт. Даррав онро кандаму аз сандуқ пораи матои навро гирифта тӯморро печондам. Пас бо ҳарфҳои арабӣ навиштам: Ё Худо мадад! Ҳарфҳоямро хеле каҷу килеб кардам, то падарам ҳам онҳоро хонда натавонад.

Субҳ дамид. Ба ҷои корам нарафтам. Соатҳои 11 ба модарам занг зада, худро хеле хушҳол нишон додам. Гуфтам, ки пеши муллои номдортарини Хоруғ рафта, ба Саломат тӯмор гирифтам. Мужда расондам, ки мулло китоб кушоду дар бораи тақдиру толеи Саломат хонда, аз ҷумла гуфт, ки хоҳарат дар 2-солагӣ, 7-солагӣ, 14 - солагӣ бемор мешавад, аммо умраш боқист, 87 сол умр мебинад.

Модарам аз хурсандӣ баланд-баланд гиристу ба унвони мулло дуои нек фиристонд. Зорӣ кард, ки тӯморро ҳарчи зудтар барам.

Тӯморро дар ҳамёнам гузошта ба деҳа рафтам. Аҳли хонадон бесаброна роҳамро мепойиданд. Амр додам, ки зуд ситирахм дуд кунанд, ки мулло фармуда. Чунин карданд. Бӯи хуши ситирахм, ки мисли испанд рафъкунандаи кулли балоҳост, фазои хонаро фаро гирифт.

Амри дуюми муллоро расондам, ки модар не, бояд танҳо падар ва танҳо бо дасти рост тӯморро ба бемор диҳад. Ин амал низ иҷро шуд. Саломат тӯморро бӯсид, ба чашм молиду дар гарданаш овехт. Пас сабук аз ҷо хесту иттилоъ дод, ки худро хеле бардам ҳис мекунад. Ягон ҷояш дард надорад. Аз чизе наметарсад. Вуҷудашро сиёҳӣ пахш намекунад.

Хонаи чандин вақтҳо шодӣ надида ба тӯйхона табдил ёфт. Шаб шуду ҷогаҳи хоб партофтем. Ману модарам дар пеши Саломат хоб рафтем. Саломатҷони моро аз хурсандӣ хоб намебурд. Нисфи шаб хесту аз хона баромад. Ман аз паяш баромаданӣ шудам. «Не, не, ман худам, ман худам мебароям. Охир ман дигар аз чизе наметарасам!»-худбоварона гуфт хоҳаракам.

Боз як рӯзи дигар дар деҳа мондам. Духтари хазонгашта ба баҳори сабзи нозанин мубаддал шуд. Модарам пайваста дар ҳаққи мулло дуо мекарду ашки шодӣ мерехт. Гуфт, ки ҳар тирамоҳ аз чормағзу туту зардолуқоқи боғ ҳаққи муллоро мефиристад. Гуфтам, ки мулло боғи калони пури мева дорад. Ҳаққи ӯро супоридам, пули калонаш додам.

Аз он рӯз 23 сол гузашт. Саломати мо имрӯз 37-сола асту соҳиби ду паҳлавонписар-Бунёду Сайёд. Ҳанӯз ҳам он тӯморро бо худ нигоҳ медорад. Модарам ҳанӯз ҳам дар ҳаққи мулло дуои нек мекунад. Ман ҳанӯз ҳам ба касе дар бораи чӣ гуна будани он тӯмор даҳон накушодаам. Аммо чун ин қиссаро рӯйи саҳфа овардам, сир акнун фош мешавад. Хайр, боке нест. Охир ман кори хайр кардам-ку.

## ҚИССАИ МАНУ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ

Аз тариқи телевизион шеърхонӣ карда, аз ҷумла чорпорае гуфтам:

*Сарҳад машикан, ки дар камини Ватанам,*
*Ҳар ҳад машикан, ки дар замини Ватанам.*
*Гӯӣ, ки писар наям, ки аскар бошам?*
*Ман духтари аскарофарини Ватанам!*

Ин асно занги телефони дастиам баланд шуд.

Дӯсте аз ноҳияи Дарвози Бадахшон занг мезад, ки:

-Хоҳараки аскарофаринам, аҳсан барои чунин мисраъҳои олӣ!

Баъдтар чандин касон, ҳатто адабиётшиносони варзида ин мисраъҳоро олӣ гуфтанд ва чанд муддат номам «духтари аскарофарин» шуд. Ҳофизадухтарони Вазорати мудофиаи кишвар ба ин навишта оҳанги марғуб баста акнун басо дилнавоз месарояндаш. Устоде гуфт, ки Раъно дар сарҳади Ватан ба дунё омадааст, аз ин рӯ чакомаи сарҳадро аз ҳар яки мо беҳтар суруда метавонад.

Таърифи устод муболиғa буд, аммо ҳақиқатан ҳам мавзӯи сарҳад бароям бетафовут нест, зеро дар Поршиневи Шуғнон ба дунё омадаам, дар мавзее, ки бо Афғонистони ҳамсоя ҳамсарҳад аст. Ҳамагӣ дарёе моро аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Бо мардуми он тарафи марз ҳамзабону ҳамдину ҳамоинем. Қисме аз хешу табори мардуми Бадахшони Тоҷикистон дар он тарафи дарё мондаанду қисме аз мардуми Бадахшони Афғонистон дар ин тараф. Дар гузаштаҳо мардум ба соҳили дарё фаромада, пинҳонӣ аз сарҳадбонон бо хешу таборони он сӯи марз мулоқот мекарданд. Вақте ба дасти

сарҳадбонон меафтиданд, ба отряди сарҳадӣ бурда мешуданд. Ба отряде, ки мардуми мо бо лафзи маҳаллии худ онро «Атрат» мегуфт.

Дар даҳлези хона нишаста, кулбаҳои гилину сангин, зиндагии басо фақиронаи мардумони сарзамини ҷафокашидаи Афғонистонро гоҳе бо дурбину гоҳе бе дурбин тамошо карда, аз тарс дар бағали модарам пинҳон мешудам. Махсусан, вақте ки соатҳо тирпаронии мусалсал ба гӯш мерасид, аз тарсу ваҳм ҳафтаҳо бехоб мешудам. Баъзан тирҳое, ки намедонам аз чи гуна яроқҳо меҷастанд, ба кӯҳу пуштаҳои ин тарафи марз мехӯрданду замину замон ва ҳамзамон торҳои заифи ҷони маро меларзонданд. Ҳоли зори афғонҳоро медидаму ашк дар чашмам ҳалқа мезад. Ба мардуми он тарафи дарё дилам месӯхт, охир бечораҳо бародарони ҳамхуни моанд. Барои ҳамин ҳамсарҳад будан бо онҳо гуворост. Лекин ҳамсарҳад будан бо давлати хориҷӣ боз чӣ душвориҳо дорад, мо, мардуми сарҳаднишин медонем. Тамоми душманоне, ки мехоҳанд, ба Тоҷикистони мо осеб расонанд, бештар аз сарҳади Афғонистон истифода мебаранд. Яроқ ҳам аз сарҳад мегузарад, нашъаву вабову ҳазору як балои дигар ҳам... Аз ин рӯ, бояд ҳатман духтари аскарофарин бошам!

## ҚИССАИ МАНУ ЯК ТАБРИКОТ

Зинаи 50-умини зиндагиамро фатҳ мекардам. 50-сола мешудам. Ба ин ифтихор аз дуру наздик ҳар гуна табрикот меомад. Субҳи барвақти рӯзи 9-уми майи соли 2015-ум аз ҳама пеш аз Хуҷандшаҳр шоираи меҳрубон Фарзона ба ман занг зад. Лаҳни гӯшнавозу дилнишини Фарзонаи азизам, ҳарфҳои ёсаминии ин шаҳбонуи шеър меҳру муҳаббати афзуни маро нисбат ба ӯ боз ҳам афзунтар сохт.

Табрикоти дигар пайвандону дилбандон, шиносу ношиносон то бевақтиҳои шаб идома ёфт. Яке аз дигаре маро бештар шод мегардонд, аммо табрикоте, ки аз ҳама зиёдтар неруям бахшиду мағрурам кард, аз шоир Абдулкарими Рустамбек буд, ки чунин аст:

*Ай гули раънои баҳори ҳунар,*
*Даҳр надида чу ту вологуҳар.*
*Зеби гулу боғу гулистон туӣ,*
*Бо гули хушрӯ кӣ шавад сар ба сар?!*
*Боми Ҷаҳон дар ҳама давру замон*
*Кай битавон ёфт ба мислат дигар?!*
*Шоириву оқилу фарзонаӣ,*
*Эй ки зи илми азалӣ баҳравар.*
*Шоира бисёру вале чун ту нест,*
*Шеъри ту омехт зи ширу шакар.*
*Ёсумани домани Шугнонзамин,*
*Шеър зи ту ёфта шӯру шарар.*
*Лаъл туӣ, лаъли Бадахшон туӣ,*
*Қадри ту аз лаъл бувад бештар!*

Ин суханон ҳатто муболиға ҳам не, иғроқ буданд, аммо ман ба онҳо бовар кардаму рӯзоне баландпарвоз

ҳам шудам. Танҳо акнун ба ёдам расид, ки ин шеър ҷавобияест ба як шеъри ман, ки густохона навишта будам:

*Лаъл маҷӯ, лаъли Бадахшон манам,*
*Духтари дилбанди куҳистон манам.*
*Зодаю парвардаи Боми Ҷаҳон,*
*Ҳамнафаси шамси дурахшон манам.*
*Иди зафар буду ба даҳр омадам,*
*Идии рамзии баҳорон манам.*
*Савр бувад бурҷи ман, аммо нигар*
*Сарви хиромони хиромон манам.*
*Зӯҳраи чангист аниси дилам,*
*Зӯҳрасифат ошиқи ҷонон манам.*
*Санги тилисми ман ақиқи Яман,*
*Мисли ақиқам ҳама тобон манам.*
*Ёд ба «Шаҳнома» зи Шуғнон шуда,*
*Ёсумани домани Шуғнон манам.*
*Шоира дар даҳр фузун нест, нест,*
*Шоирае хуби ғазалхон манам.*
*Ошиқи Румии гуҳарофарин,*
*Волаи Симини гулафшон манам.*
*Лаъл маҷӯ, лаъли Бадахшон манам,*
*Ёсумани домани Шуғнон манам!*

Ҳақиқатан ҳам, дар ин шеър санъати фахр карданро ба хадди ифрот расондааму аз чаҳорчӯби хоксорӣ фарсаххо дур рафтаам. Аммо чун бародари шоирам Абдулкарим суханонамро тасдиқ кардаву тақвият бахшидааст, шояд чунин бошам?!

## ҚИССАИ МАНУ ҶОИЗАИ ТУРСУНЗОДА

Соли 2013-ум силсилаи ашъорам ба Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода пешниҳод гардид. Дар қатори ашъори ман китобҳои пурарзиши адибони дигар низ ба ин озмуни ниҳоят ҷиддии адабӣ пешкаш шуданд. Мусобиқа дар чанд давр баргузор шуд ва басо тезу тунд буд. Хушбахтона, ашъори ман аз аввал то даври ниҳоӣ холи аз ҳама бештари аъзои раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро соҳиб гардид. Дар даври охирин аз 19 нафар аъзои раёсат 16 нафарашон ба тарафдории ман овоз доданд, ки ба қавли устод Кароматуллоҳи Мирзо ин дар таърихи мукофотгирӣ натиҷаи рекордист.

Барои ман ҳам ҳамин муҳим буд. Муҳим буд, ки арзиши шеърамро устодон муайяну баҳогузорӣ кунанд. Аз ин рӯ, як фикр хеле азобам медиҳад: Он се устоде, ки ба ашъорам овоз надоданд, киҳо бошанд!? Ин маро басо рӯҳафтода кард. То ҳанӯз меандешам: Шояд он устодон ҳақ буданду дигарон не!?

Дуруст аст, ки тақризҳое, ки ба ашъорам навишта шуданд, маро бештар аз пештар мадюну мафтуни адабиёт гардонданд. Махсусан, таъкиди доктори илми филология, устод Худоӣ Шарифов болу парам бахшид, ки мегӯяд: «Аз шеъри Раънои Мубориз махсус ёд овардан лозим аст. Шеъри Раъно мавзӯи тоза дорад ва муҳимтар аз ҳама ин ки андешаи бикр ва назари мавзӯи ҳақиқатбини тундро дорост ва онро бо гавҳари отифаи инсонӣ сахт тахмир медиҳад. Аз ин ҷост, ки шеъри ӯ ба зеҳну хотир наздик ва муассир аст...»

Шоиру адабиётшиноси донишманд Рустами Ваҳҳоб бо суханони умқдораш масъулияти эҷодкориамро даҳчанд баланд бардошт: «Раънои Мубориз, бино ба эътиқоди

бисёре аз қаламкашони имрӯз, яке аз шоираҳои муваффақи назми муосир мебошад. Шеъри Раънои Мубориз бо мушаххасу равшан будани мавзӯъ ва ҳадаф, таркиби тозаву ҷаззоби забони шоирона, мусиқии шеър ва рӯҳиёту маниши болида ва некбинона имтиёз меёбад. Ҷанбаи иҷтимоии шеъри Раънои Мубориз қавист ва шеъри ғиноии дорои эҳсосоти латифи маҳрамона ҳам дар офаридаҳои вай аз масоили мубрами иҷтимоӣ ҷудо нест. Нигариш ва пардозҳои навоварона бо аносири суннатии назм дар осори Раънои Мубориз ба сурати мувозӣ ва мутаносиб омезиш меёбад ва ба ин далел аст, ки шеъраш матбуъ ва дилпазир воқеъ мегардад...»

Доктори илмҳои филологӣ Варқаи Охонниёз ин андешаро тақвият бахшида нигоштааст: «Шоира Раънои Мубориз дигар шояд ба муаррифӣ он қадар ниёз надошта бошад. Зеро гузашт он давре, ки Раъно дар Бадахшон, дар пушти пуштаҳову қуллаҳои сокит шеър мегуфту аммо овозаш ношунаво буд. Акнун чанд солест, ки ӯ аз қуллаҳои Боми Ҷаҳон фуруд омадаву маскуни Душанбешаҳр гардида ва садояш дигар шунавост...»

Нависанда Маҷид Салим нигошта: «Ӯ барҳақ духтари пурҳунари Бадахшон, ёсумани домани Шуғнон, парвардаи диёри наздики гардун аст. Гули раъност ӯ миёни кӯҳи лаълу лоҷварди шеъри тоҷик. Шеърҳояшро доимо мехонам. Раънои Мубориз шоираи бисёр ҳассос, нозукбаён ва боистеъдод аст...»

Пажӯҳишгари адабиёт Абдуламини Маҷнун навиштааст: «Бо шоира Раънои Муборизу эҷодиёти ӯ дер боз ошноям. Инсони поктиннатест ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки шеъраш ҳам мисли ҳар сухани муқаррариаш дилнишин аст. Тахайюлоти баландпарвоз дорад ва ин даст медиҳад, ки ҳунармандона ҳарфҳои дилашро ба риштаи назм кашида, ба мухлисони каломи бадеъ расонад. Адибону адабиётшиносон ва ноқидони гавҳаршинос ба шеъри Раъно баҳои баланд додаанд...»

Рӯзноманигор Аслияи Алидод перомуни ашъорам аз ҳама самимонатар ҳарф гуфтааст: «Ба андешаи ман, шеърҳои ватандӯстонаи Раъноро дар китобҳои дарсии мактабӣ низ даровардан лозим аст, зеро маҳз ҳамин гуна шеърҳо метавонанд ҳиссиёти ватанпарварӣ, рӯҳияи созандагӣ, ифтихори миллии насли навро бедор созанд, наврасонро барои ҳифз кардани Ватани маҳбуб омода намоянд».

Шоирбародарам Ато Мирхоҷа дар тақризи навиштааш перомуни ашъори ба ҷоиза пешниҳодшудаам хуштарин суханонро дареғ надоштааст.

Боз чандин нафари дигар ҳарфҳои самимиашонро ба ман раво дидаанд. Аммо маро ҳанӯз ҳам ҳамон як фикр ором намегузорад: «Аз 19 нафар аъзои Раёсати Иттифоқи нависандагон киҳо бошанд он 3 нафар адибе, ки ба тарафдории ман овоз доданро сазовор надиданд!? Шояд баҳои ҳаққониро ҳамонҳо ба ман доданд!? Намедонам...

## ҚИССАИ МАНУ НОМАМ

Дар замонҳои тифлиам дар ҳамсоягии мо кампири бисёр хушчақчақе мезист. Момаи Манзалмо ном дошт ӯ. Ҳар гоҳе маро медид, ҳатман месуруд:

***Раъно бо гул баробар,***
***Ба ин дунё кун бовар.***

Ва ҳатман мегуфт:

-Э Раъное, барои ту шаҳри Барбарро ба хок яксон карданд.

Аз ин байту аз номи Барбар қимоб шуда будам. Зеро дигар ҳама масхаракунон номамро «Раъно бо гул баробар» мегуфтанд.

Кор ба дараҷае расид, ки рӯзе баъди дучор омадан бо кампир роҳро дигар карда ба пеши модарам давидам ва дар пушташ пинҳон шудам.

Момаи Манзалмо аз ин корам дурудароз хандид ва омада дар пешамон нишасту ба қисса оғоз кард: «Дар Мурғоби имрӯзаи Бадахшон дар замонҳои пеш шаҳри басо ободи сарсабзе будааст, ки Барбар ном доштааст. Дар он шаҳр пирмарде мезистааст. Ӯ ду духтари хубрӯ доштааст, бо номҳои Раъно ва Гул. Ҳокими шаҳр барои ба даст овардани духтарони соҳибҷамол падарашонро қарздор мекунаду онҳоро ба гарав мегирад. Падар зор-зор мегиряд ва шабе ба ғанаб мераваду мӯйсафеде ба хобаш медарояд. Пири нуронӣ мегӯяд:

-Давои дарди туро танҳо Ҳазрати Муртазо Алӣ меёбад. Бирав, дардатро ба ӯ бигуй. Ҳазрат бо шамшери Зулфиқори худ дар фалон ҷост.

Мӯйсафед бедор шуда ба он самт мешитобад. Мераваду Ҳазрати Алиро мебинад.

Ҳазрати Алӣ дарди дили мӯйсафедро шунида, пеши ҳокими Барбар меравад. Чаҳор шарти ҳокимро иҷро ва Раънову Гулро аз асорат озод мекунад. Пас тамоми мардумони некдилу бенаворо аз шаҳр берун сохта, дузону ба замин мешинад ва даст ба дуо мекушояд. Аз Аллоҳ хоҳиш мекунад, ки шаҳри Барбар ба хок яксон гардад. Парвардигор ба замин аввал борони сел, сипас тундбоди сахт мефиристад. Шаҳри Барбар ба харобазоре мубаддал мешавад ва номи Аличӯлро мегирад».

Момаи Манзалмо ривоятро ба поён расонд ва таъкид кард, ки ман ҳам бояд ҳатман соҳибҷамол шавам, чунки ба ҳамин умед, маҳз бо маслиҳати ӯ, падару модарам ба ман исми Раънoро гузоштаанд.

## МУНДАРИҶА

НАЗМ (Ғазалҳо)


Лаъли Бадахшон ........................................................ 4
Таманно ........................................................................ 5
Дуруди ошно ................................................................ 6
Хислати куҳистонӣ...................................................... 7
Шукрона ........................................................................ 8
Андеша........................................................................... 9
Савганди ваҳдат ...........................................................10
Аммо ҳанӯз ҳам ...........................................................11
Ватан .............................................................................12
Истиқлол.......................................................................13
Хуршед..........................................................................14
Ба як дӯстам.................................................................15
Зарафшон......................................................................16
Духтари Помир ............................................................17
Неруи ваҳдат ................................................................18
Лолаҳои наврӯзӣ ..........................................................19
Ҳайрат...........................................................................20
Ишқи Худо ...................................................................21
Помир-Пойи меҳр .......................................................22
Эй субҳи фарорасида ..................................................23
Шаҳри ғазалшикан ......................................................24
Шеъри дард ..................................................................25
Ба ҳамзабон ..................................................................26
Бародари абадӣ.............................................................27
Ҷонишини Худо ...........................................................28
Ба шеър .........................................................................29
Сафобахшӣ ...................................................................30
Бозгашт..........................................................................31
Ба Панҷрӯд дуруд ........................................................32

Ба маҳалгарое ........................................................ 33
Таронаи бедорӣ ...................................................... 34
Баччаи Помир .......................................................... 35
Ба ёри муҳоҷир ....................................................... 36
Пир, муридат манам ................................................. 37
Лаҳҷаи бадахшонӣ .................................................... 38
Таронаи дидор ......................................................... 39
Баҳор мерасад .......................................................... 40
Хайрбодӣ ................................................................. 41
Ишқи пирӣ .............................................................. 42
Ҳадиси ваҳдат ......................................................... 43
Нури ваҳдат ............................................................ 44
Бахти беҳамто ......................................................... 45
Эй зиндагӣ ............................................................... 46
Хоҳиш ...................................................................... 47
Ҳамнишини ниқобдор .............................................. 48
Ба зодгоҳи бе мо ...................................................... 49
Хеши ҷаҳонгирам .................................................... 50
Бе ту чиҳо шавам, чиҳо!? ........................................ 51
Нидои видоъ ........................................................... 52
Аз офтоб бигӯ ......................................................... 53
Содагӣ бузургист ..................................................... 54
Вориси куҳистон ..................................................... 55
Дигар шеъре намегӯям ............................................. 56
Ҳамсояи қуллаҳо ..................................................... 57
Ҳарфи ёсаминӣ ....................................................... 58
Эй ёр ....................................................................... 59
Ёд ........................................................................... 60
Рӯза ......................................................................... 61
Орзу ........................................................................ 62
Ёд макун ................................................................. 63
Рамид ёри ҷавонат .................................................. 64
Ҳамшаҳрии тавоно .................................................. 65
Наё .......................................................................... 66

Ишқ ............................................................................67
Ман омадам ..............................................................68
Ҳадиси бод ...............................................................69
Намедонӣ ....................................................................70
Баёзи ғам ....................................................................71
Хушбахт .......................................................................72
Ҳарфи ҳавоӣ ...............................................................73
Хоҳиш аз Худо ............................................................74
Ишқи иҷтимоӣ ...........................................................75
Бишнохт писар падар ................................................76
Таронаи хонуми афғонӣ ............................................77
Бозпас бирав ..............................................................78
Талоқ............................................................................79
Таманнои шоирона ....................................................80
Сарпарасти ман Худо аст ..........................................81
Рақси самоъ ................................................................82
Дар ҷавоби бародар ...................................................83
Бӯи барф меояд ..........................................................84
Шаҳри гулҳо ..............................................................85
Васият .........................................................................86

РЕЗҲО АЗ РОЗҲО .......................................................87

КИТОБИ «ЁДҲО»
*(Ҳиссаҳо аз қиссаҳо)*
Қиссаи ману рӯзи таваллудам ....................................96
Қиссаи ману Хӯҷаи Хизр ...........................................97
Қиссаи ману як дуо .....................................................98
Қиссаи ману Симини Беҳбаҳонӣ ...............................99
Қиссаи ману шеъри аввалинам ................................100
Қиссаи ману мори сафед ..........................................101
Қиссаи ману устод Лоҳутӣ .......................................104
Қиссаи ману ҳофизиву шоирӣ .................................104

Қиссаи ману ҳамсояам Шамил ...................................... 106
Қиссаи ману Самаки айёр ............................................ 108
Қиссаи ману Нилуфарам............................................... 110
Қиссаи ману як моҳи омӯзгориам ................................ 111
Қиссаи ману як иншо.................................................... 113
Қиссаи ману Ваҳдати миллӣ ........................................ 115
Қиссаи ману Подшоҳбегим Ҳафизова ......................... 122
Қиссаи ману забони ҳиндӣ........................................... 125
Қиссаи ману як тадбирам............................................. 127
Қиссаи ману сарҳади давлатӣ....................................... 131
Қиссаи ману як табрикот ............................................. 133
Қиссаи ману Ҷоизаи Турсунзода................................. 135
Қиссаи ману номам....................................................... 138

**РАЪНОИ МУБОРИЗ**

# НУРИ ВАҲДАТ

*(Маҷмуаи шеърҳо)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 02.06.2015 супорида шуд.
Чопаш 04.06.2015 ба имзо расид.
Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 9,0.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ЧДММ «Офсет - Империя» чоп шудааст.